207943

Ҳасани Султон

САРГУЗАШТИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ

ҲАСАНИ СУЛТОН

САРГУЗАШТИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ

Душанбе
«Маориф ва фарҳанг»
2010

ББК – 63.3.(2 тоҷик) +74.263.1
С - 90

Китобхонаи миллии
Чумҳурии Тоҷикистон ба
номи А. Фирдавсӣ

1 нусха | 9 точка

С – 90. Ҳ.Султон. **Саргузашти Исмоили Сомонӣ.** Душанбе, «Маориф ва фарҳанг», 2010. 60 саҳ.

ISBN 978-99947-1-026-3 **© «Маориф ва фарҳанг», 2010**

НАЗАРЕ БА ИН НАВИШТА

«Саргузашти Исмоили Сомонӣ» нахустин нигоштае дар адабиёти тоҷикӣ ва таърихнигории Тоҷикистон дар бораи бунёнгузори давлати миллии тоҷикон аст. Дар бораи Исмоили Сомонӣ дар Эрон таҳқиқоти махсус ба чоп расидааст ва дар ҳама асарҳое, ки донишмандони Эрон, Тоҷикистон, Афғонистон ва дигар кишварҳо дар бораи давлати оли Сомон навиштаанд, маълумоти ҷолибе ҳаст. Дар замони шӯравӣ дар Тоҷикистон дар бораи подшоҳон, амирону вазирон ва дигар феодалҳо асаре бо нигоҳи мусбат навиштан хавф дошт. Камина аз нияти Сотими Улуғзода ба хубӣ огаҳӣ дорам, ки соли 1958 – пас аз анҷом ёфтани драмаи «Рӯдакӣ» дар бораи Исмоили Сомонӣ роман навиштан мехост ва як умр бо ин орзу буд, вале аз тарси ин ки ӯро ба идеализатсияи подшоҳе – тасвири ормонии дур аз ҳақиқат гунаҳкор кунанд, аз иҷрои ин нақшаи эҷодӣ худдорӣ намуд. Истиқлоли сиёсӣ ва қарори раиси ҷумҳур дар бораи баргузории ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён имконе фароҳам овард, ки нависандагони мо аз зиндагонии ибратомӯзи он фарзанди бузурги миллат асарҳо нависанд. Умед аст, ки донишмандону адибони мо дар ин мавзӯъ асарҳои барҷастае эҷод хоҳанд кард.

Навиштаи Ҳасани Султон иборат аз нигоҳи мухтасаре ба баъзе лаҳзаҳои асосии рӯзгору муборизаҳои Исмоили Сомонист. Ба назар мерасад, ки ӯ бархе аз лаҳзаҳои корномаи шукӯҳманди ин марди бузургро дуруст маънидод кардааст, тавонистааст азамати шахсияти ӯро падид оварад. Китоби Ҳасани

Султон моро ба як замони муҳимми таърихи миллат мебарад, ба муҳити мардуми он овон ворид менамояд, ба равандҳои таърихии сарнавиштсоз шарик месозад. Мегӯянд, ки ҳар тақдиреро тақдирҷунбонест. Исмоили Сомонӣ тақдирҷунбони миллати тоҷик ва дар таъмини бақои умри таърихии он аз омилҳои асосӣ буд. Ба назар мерасад, ки моҳияти ҳастии Исмоили Сомонӣ дар ин китоб ба дурустӣ намоён омадааст.

Аз фазилатҳои ин китоб яке ба пиндори мо забони он аст. Метавон гуфт, ки забони Ҳасани Султон бештар софи беғубор ва равони наздик ба форсии дарии аҳди хонадони Сомон ва дур аз ноҳамвориҳои имрӯз, ба вежа ориву барӣ аз дуруштиву олудагиҳои забони рӯзномаҳои кунунии тоҷикист. Дар тарзи баёни муаллиф асаре аз сабки баъзе сарчашмаҳои асрҳои гузашта ба дид мерасад. Ба фикри мо то андозае риоя шудани хусусиятҳои забони ҳазор соли пеш хеле душвор буд, вале муяссар шудааст, ки инро комёбӣ бояд донист.

Мо ин комёбиро ба нигорандаи он табрик мегӯем ва хоҳонем, ки комёбии эҷодӣ ҳамеша насиби ӯ бошад.

Муҳаммадҷони Шакурӣ
3 марти 1998

Ба номи худованди бахшояндаи меҳрубон

Ба ҷойи сарсухан

«Ҳар соле (барои таъмиру тармими девори вилояти Бухоро - Ҳ.С.) моле азим бибоистӣ ва ҳашарҳои бисёр то ба рӯзгори амир Исмоили Сомонӣ раҳимаҳу аллоҳ, ки ӯ халқро раҳо кард то он девор хароб шуд ва гуфт: - То ман зинда бошам, бораи (девори) вилояти Бухоро ман бошам...»

Абубакри Наршахӣ, «Таърихи Бухоро»

Ҳусайн ибни Тоҳир – силаҳшӯре аз хонадони амирони тоҳирии Хуросон, чун огаҳӣ ёфт, ки вилояти Бухороро ганҷу дирами бешумор, вале сипоҳе парокандаву деворе ноустувор аст, аз ҷумлаи дуздону шабравони шаҳру рустои Хоразм лашкаре фароҳам кард ва дар охирҳои моҳи рабеъуссонии соли 260 ҳичрии қамарӣ (баробар ба нимаи феврали соли 874 мелодӣ) ба қасди Бухоро аз рӯди Ҷайҳун бигузашт.

Девори фарсудаи Бухоро, ки аз ҳамлаи пайвастаи саҳронишинон рӯ ба харобӣ оварда буд, натавонист дар баробари ин лашкари ҷаррор побарҷо бимонад ва садди вуруди хоразмиён ба вилояти Бухоро гардад.

Ин девори азим, ки бештари шаҳру деҳоти вилояти Бухороро фаро мепечид, аслан аз бими даст ёфтани саҳроиён ба ин вилоят бо дастури амири Хуросон Абулаббоси Тӯсӣ дар рӯзгори аморати Муҳтадӣ ибни Ҳаммод, ба пайравӣ аз девори гирди Самарқанд бино ёфта буд.

Нақлест, аморати Хуросон он замон, ки ба Абулаббоси Фазл ибни Сулаймони Тӯсӣ расид, бузургону меҳтарони Бухоро ба додхоҳӣ назди ӯ ба Марв рафтанд ва ба ӯ гуфтанд, ки аз саҳронишинон моро басе ранҷ аст. Ба ин маънӣ, ки онон ҳар вақт меоянду деҳаҳои мо ғорат мекунанд ва мусалмононро ба бандагию асорат мебаранд.

Абулаббоси Тӯсӣ рӯй ба ҳозирон овард, ки дар ин амр тадбир чӣ бошад, то бифармоям ҳамон кунанд.

Малики Суғд – Язиди писари Ғӯрак, ки дар он маҷлис ҳузур дошт ва ба саломи ӯ аз Самарқанд омада буд, замини хидмат бибӯсиду гуфт: – Зиндагонии амири Хуросон дароз бод. Дар замони пешин саҳроиён вилояти Суғдро пайваста ғорат мекарданд, то ба он рӯзгор, ки дар Самарқанд зани оқилаву раиятпарваре подшоҳ шуд. Ин зан атрофи Самарқандро девор гирифт ва вилояти Суғд аз ин пас аз тохту този саҳроиён амон ёфт.

Ин матлаб ба Абулаббоси Тӯсӣ писандида омад. Ӯ ба амири Бухоро Муҳтадӣ ибни Ҳаммод дастур дод, ки Бухоро ва деҳоти атрофи онро мисли Самарқанд девор бигирад ва дасти саҳронишинонро аз шаҳру рустои Бухоро кӯтоҳ намояд.

Мегӯянд, ки ҳар соле бештари хироҷи солонаи вилояти Бухоро ва заҳмату ҳашарҳои фаровони мардум сарфи таъмиру ободонии ҳамин девор мегардид. Вале саҳроиёни тундхӯй ҳар сол чандин бор ин деворро вайрону валангор мекарданд ва заҳмату амволи мардумро ба бод медоданд.

Лашкариёни Ҳусайн ибни Тоҳир низ бо олатҳои нафтандозу борашикани худ ба зудӣ ин деворро рахна карданд ва ба вилояти Бухоро ҳамлавар шуданд.

Ҷамоате аз саҳронишинон, ки пайи ғорати рустои беруни девори вилояти Бухоро омада буданд, чун девор рахна ва лашкари Ҳусайн бенизом диданд, худро ба миёни лашкариён заданд ва бо ҳамдастии онон ба қатлу ғорати аҳли Бухоро пардохтанд. Ин тӯдаи бадгуҳар ва лашкариёни Ҳусайн мардумони бегуноҳро мекуштанду амволашон горат мекарданд ва хонаву сарояшон оташ мезаданд. Ҳосили богкорон, хирмани барзгарон, колои бозаргонон, галлаи аспу рамаи гӯсфанди соҳибдавлатонро ба тороҷ мебурданд. Дар Бухоро ҷабру бедодӣ қиёмат мекард.

Аҳли Бухоро аз ин ҳодиса ба сутӯҳ омада, қиём карданд ва лашкари Ҳусайн ибни Тоҳирро шикаст доданд. Ҳусайн мунодӣ фармуд ва аз мардуми Бухоро амон хост. Бухориёни нармдилу хушбовар ба қавли ӯ эътимод карданд ва пароканда шуда, ҳар кадом аз пайи кору рӯзгори худ рафтанд. Вале Ҳусайн макр карда буд. Вақте дид, ки мардум пароканда шуданд, дигарбора лашкариёни худро ба қатлу ғорати аҳли Бухоро раҳнамун сохт.

Мардуми Бухоро дубора қиём карданд ва сарои ӯро, ки дар Регистони Бухоро буд? ба даст даровардand.

Гуфтаанд, ки ӯ хироҷи Бухоро бо зӯри шамшер ситонида буд ва дар он сарой нигоҳ медошт. Шӯришиён ҳамаи он ганиматро бардоштанд, то ҷойе, ки баъзе дарвешон аз он мол тавонгар шуданд. Худи Ҳусайн бо чанд тан аз наздикони хосаш шабона девори он саройро сӯрох намуд ва аз Бухоро фирор кард.

Бо шикасти лашкари Ҳусайн ибни Тоҳир фитнаву ошӯб ва қатлу горат дар вилояти Бухоро поёну анҷом наёфт. Гурӯҳе аз ин дуздону шабравон, ки

мегӯянд шуморашон ба чор ҳазор тан мерасид, аз шаҳри Бухоро берун рафтанд ва дар рустои Бухоро ба бедодгарӣ машғул шуданд. Корвонҳои пурборе, ки ҷониби Бухоро меомаданд, дар роҳ толону тороҷ мекарданд ва намегузоштанд ба шаҳр корвоне ворид гардад. Дар Бухоро қимати як ман нон ба се дирам расид. Хатари қаҳтсоле шадид бар саросари Бухоро доман паҳн кард.

Аҳли Бухоро як рӯз пештар аз ҳулули моҳи шарифи рамазон дар намозгоҳи ид, дар Регистон назди Абуабдуллоҳи Фақеҳ, писари Хоҷа Абуҳафси Кабир раҳматуллоҳи алайҳ, ки дар байни хосу ом ба унвони Абуҳафси Сағир шӯҳрат дошт, гирд омада, аз сустию дармондагии амири Бухоро Ҳусайн ибни Муҳаммади Хоричӣ шикоят карданд ва дар кори Бухоро аз ӯ тадбир ҷустанд.

Пӯшида намонад, ки падари Абуабдуллоҳ – Хоҷаи имом Абуҳафси Кабир аз фақеҳони маъруфи мазҳаби ҳанафии он рӯзгор буд. Гуфтаанд, вақте устодаш имом Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбониро пурсиданд, ки агар ту аз ин олам рахт барбандӣ, дигар илми фиқҳ аз кӣ ҷӯем?

Фармуд: – Аз Абуҳафси Бухорӣ, ки хеч кас ин илмро мисли ӯ аз ман наёмӯхт. Ҳамин Абуҳафси Кабир мазҳаби Абуҳанифаро дар Бухоро ошкор кард ва Бухороро ба маркази мазҳаби ҳанафиён мубаддал сохт. Писараш Абуабдуллоҳ низ фақеҳ ва идомадиҳандаи кори ӯ буд, аз ин хотир аҳли Бухоро ӯро азизу гиромӣ медоштанд ва дар ҳар коре бо ӯ машварат мекарданд.

Абуабдуллоҳи Фақеҳ бетаъхир ба яке аз дӯстону наздикони хонаводагияш Насри писари Аҳмад, ки

аморати Самарқанду Фаргона дар ихтиёр дошт, нома навишт ва аз ӯ хоҳиш кард амире ба Бухоро фиристад, то мулки падарон бештар аз ин дучори харобӣ нагардад.

Қосидон нома ба Самарқанд бурданд ва ба Насри Сомонӣ арза доштанд. Наср дар кори Бухоро очиз монд ва пас аз машварат бо арбоби давлат савоб донист бародари худ Исмоилро, ки тарбиятёфтаи худи ӯ буд ба амирии Бухоро равона созад. Исмоили ҷавону фурӯтан натавонист аз амри бародар сарпечӣ кунад ва ба ночор ин дархостро пазируфт.

Наср, Исмат ибни Муҳаммади Марвазиро ба вазирӣ ва Фазл ибни Аҳмади Марвазиро ба дабирии амир Исмоил муқаррар кард. Ҳамчунин, аҳли рикобу ҳашами ӯро аз ҷумлаи сипоҳиёну дарбориёни хоси худ фароҳам сохт.

Фардои ҳамон рӯз Насри Сомонӣ бо бузургону меҳтарони Самарқанд ва мардуми авом барои гусели амир Исмоилу ҳамроҳонаш аз шаҳр берун омаданд.

Исмоил дар паҳлӯи бародар хомӯш қадам мезад. Дар он лаҳзаҳо ӯ ҳанӯз андешаи онро дар сар надошт, ки пас аз муддате солории гозиёну пешвоии мирон ва мавлоии мӯъминону амирии тамомати Хуросон насибаш хоҳад шуд. Танҳо андешаву бими ӯ дар он буд, ки аҳли Бухоро чӣ гуна аз ӯ истиқбол хоҳанд кард ва чӣ сон сар ба итоату фармони ӯ фурӯ хоҳанд овард.

Насри Сомонӣ ҳам ба гирдоби хаёл гӯтавар буд. Ӯ, ки аз вазъи нооромии Бухоро ба хубӣ огаҳӣ дошт, ба худ мепечид. Ин фарзанди азизи хонадони падарро, ки пайи чунин кори бузурге мефиристад, ӯ чӣ тавонад кардан ва ё бо ӯ чӣ хоҳад шудан? Ва гиря ҳамвора гулӯгираш мешуд.

Дар назди деҳаи Размоз (Зармоз), ки шикоргоҳу ҷойи осоиши ҳар ду бародар буд, Наср бо чашмони пуроб бо Исмоил видоъ кард ва ба Самарқанд бозгашт. Амир Исмоилу ёронаш бо роҳи канори Заринрӯд (Зарафшон) озими Бухоро шуданд. Заринрӯд ҳам гӯиё дар симои амир Исмоил раҳогару муттакои Бухороро медид ва ба он шӯридагие, ки дар ниҳодаш дошт, шӯри бештаре афзуда, ӯро ба сӯйи Бухоро раҳнамоӣ мекард ва аз омадани амири кабири раҳогар ба аҳли Бухоро бо ҷӯшу хурӯш мужсдаву пайғом мебурд.

Аслу насаб ва таърихи вилодат

«Дар миёни подшоҳони Аҷам аз силсилаҳое, ки подшоҳиро аз якдигар ба мерос мебаранд, силсилае мисли Сомониён вуҷуд надорад. Зеро инон каримуласланд...»

Ибни Ҳавқал, «Суратулариз»

Абуиброҳим Исмоил писари Аҳмад фурӯзонгари чароғи давлати сомонӣ ва аз ҷумлаи бузургтарину саршиностарин амирони ин хонадон аст.

Номаш Исмоил ва кунияи ӯ Абуиброҳим буда, дар зиндагӣ ба унвонҳои ифтихории мавлову амирулмӯъминин, солори ғозиёну амири ҷумлаи Хуросон шӯҳрат ёфт ва баъд аз вафот ба лақаби амири мозӣ (пешин) ва амири одил машҳур гардид.

Вилодати ӯ ба андешаи бештари таърихнигорон дар моҳи шавволи соли 234 ҳичрии қамарӣ (мутобиқ ба моҳи майи соли 849 мелодӣ) дар Фарғона, ки падараш ҳукумати ин вилоятро дар ихтиёр дошт, иттифоқ афтод. Дар он рӯзгор маркази вилояти Фарғона шаҳри Ахсикат буд. Аз ин хотир, эҳтимоли қавӣ меравад, ки ҳамин шаҳри Ахсикат маҳалли вилодати амир Исмоил аст.

Муаррихон гузаштагони ӯро ҳама мардумони асил дониста, насаби ӯро ба Баҳроми Чӯбина пайвастаанд, ки аз сарварони бузурги аҳди Сосониён буд ва тасвираш дар «Шоҳнома»-и ҳаким Фирдавсӣ ба наҳви зерин омадааст:

Ба боло дарозу ба андом хушк,
Ба гирди сараш ҷаъдимӯе чу мушк.
Қавӣ устухонҳову бинӣ бузург,
Сияҳчурда гурде далеру сутург.
Ҷаҳонҷӯй Чӯбина дорад лақаб,
Ҳам аз паҳлавонон-ш бошад насаб (583).

Гардезӣ дар «Зайнулахбор» насабномаи силсилаи сомониро то ба Баҳроми Чӯбину... Эрачу Афредуну Ҷамшеду Ҳушангу Каюмарс пайванд медиҳад (319-322).

Мегӯянд, ки ҷадди бузурги амир Исмоил – Сомонхудот ҳокими Балх буд. Дар оғоз ӯ ойини зардуштӣ дошт ва баъдан дини исломро пазируфта, дар шумори ғозиён даромад. Асли Сомонхудотро гурӯҳе аз таърихнависон аз шаҳре ба номи Сомон, аз наздики Тирмиз, бархе дигар аз рустои навоҳии Самарқанд ва иддае аз деҳоти атрофи Балх эҳтимол медиҳанд. Тақрибан дар соли 116/734 бар асари шӯрише дар Балх вай ба дарбори амири Хуросон Асад ибни Абдуллоҳ паноҳ бурд.

Асад ибни Абдуллоҳ бо ӯ аҳду паймони бародарӣ баст ва дубора ӯро ба ҳукумати Балх фиристод. Аз ин рӯ, Сомонхудот пас аз вафоти Асад фарзанди худро ба ифтихори ӯ Асад ном ниҳод. Ва ҳамин Асад баъд аз сари Сомонхудот ҷойгузини мақоми падар гардид.

Халифаи ҳафтуми аббосӣ Маъмуни писари Ҳорунаррашид, ки дар хонаводаи падари араб ва модари хуросонӣ ба дунё омада, таълиму тарбият аз бармакиён – вазирони хирадманди эрониасли дарбори падар гирифта буд, ба хонаводаҳои асили

эронӣ эҳтироми фаровон мегузошт. Вақте ки ӯ пайи аморати Хуросон ба Марв омад, фарзандони Асади писари Сомонхудот – Нӯҳ, Аҳмад, Яҳё ва Илёсро ба хеш наздик кард ва ба ҳар кадоме амале муқаррар намуд. Бархе аз муаррихон ҳамчунин мӯътақиданд, ки фарзандони Асад Маъмунро дар рафъи ошӯби Рофеъ ибни Лайс, ки соли 806 дар Самарқанд хуруҷ карда буд, ёрмандӣ намуданд ва ӯ аз ҳамин хотир онҳоро гиромӣ медошт.

Маъмун чун ба мақоми хилофат рафт, Ғассон ибни Аббодро дар Хуросон амир кард ва ба ӯ дастур дод, ки ҳукумати навоҳии Хуросонро ба фарзандони Асад ибни Сомонхудот бидиҳад.

Ғассон ибни Аббод дар соли 204/819 аморати Самарқандро ба Нӯҳи писари Асад, ҳукумати Фарғонаро ба Аҳмади писари Асад, вилояти Чоч ва Усрушанаро ба Яҳёи писари Асад ва подшоҳии Ҳиротро ба Илёси писари Асад вогузор намуд. Тоҳир ибни Ҳусайн ҳам, ки пас аз Ғассон аморати Хуросон ёфт, фарзандони Асадро дар ҳамон вазифаҳои қаблии онҳо барқарор дошт. Пас аз вафоти Нӯҳ амири Хуросон Талҳа ибни Тоҳир аморати Самарқандро ба фармонравоии бародари ӯ Аҳмад ҳамроҳ намуд ва музофоти Систонро ба Илёс вогузор кард. Илёси писари Асад ҳамчунин аз муқаррабони Абдуллоҳ ибни Тоҳир буд ва Абдуллоҳ илова бар маснади Хуросон соҳибии шуртаи Бағдодро низ бар дӯш дошт ва пас аз фатҳи Искандария дар соли 212/827 ҳукумати онро ба Илёс дод ва ӯ аз ин пас ба унвони Илёс ибни Асади Хуросонӣ машҳур гардид. Фарзандони Асад дар ҳар вилоят, ки ҳукумат карданд, номи

нек ва осори созандагиву ободонӣ аз худ ба ёдгор гузоштанд.

Ба хусус падари амир Исмоил – Аҳмад марди шарифу покиза ва хушрафтору парҳезкоре буд. Ӯ ҳаргиз ба моли раият дастдарозӣ намекард ва аз касе хасе ҳам тамаъ надошт. Фарзандони худро ҳам дар ҳамин рӯҳия тарбият мекарду адаб меомӯхт. Бархе аз муаррихон ӯ ва фарзандаш Исмоилро ҳамчунин дар ҷумлаи муҳаддисон ба шумор меоваранд.

Ибни Асир дар китоби «Комил» байти арабии зерро меорад, ки эҳтимолан дар сӯгвори Аҳмад суруда шудааст:

Сава салосина ҳавлан фӣ вилойатиҳи
Фа ҷо'а йавмун сава фӣ қабриҳи ҳашамиҳи (133).

Ин байтро маънӣ ҳамин аст, ки ӯ наздики сӣ сол дар вилояти худ зист. Рӯзе, ки аз олам рафт, чокаронаш гурусна монданд, зеро таъмини зиндагии онҳо ҳамагӣ ба дӯши ӯ буд.

Аҳмад ҳафт писар дошт: Наср, Абуюсуф Яъқуб, Абузакариё Яҳё, Абулашъас Асад, Абуиброҳим Исмоил, Абуяъқуб Исҳоқ ва Абуғоним Ҳамид. Пас аз марги бародараш Нӯҳ аморати Самарқанд ҳам ба ихтиёри Аҳмад вогузор шуд, вале баъди чанде ӯ писараш Насрро ҷойнишини худ таъйин карда ба Самарқанд фиристод ва худ аз кори мулк канора ҷуста, муддате ба тарбияи фарзандон машғул гардид.

Исмоил фарзанди панҷуми хонадон буд ва вақте падараш дар Фарғона соли 250/864 аз олам чашм пӯшид, ҳамагӣ 16 сол дошт. Эҳтимол меравад, ки замони кӯдакиву наврасии Исмоил ва таълиму

тарбияти ӯ низ дар дарбори падар, дар шаҳри Ахсикати Фарғона сипарӣ шудааст. Баъд аз сари падар бародари бузургаш Наср ӯву бародарони дигарро ба Самарқанд оварда ва ба тарбияту сарпарастии онҳо машғул шуд.

Пас аз даҳ соли вафоти падар, чунон ки дар боло навишта омад, Наср бо хоҳишу дархости Абуабдуллоҳ Фақеҳи Бухорӣ Исмоилро амири вилояти Бухоро таъйин намуд ва ба Бухоро фиристод.

Вуруд ба Бухоро

«Худои таъоло бар вай (амир Исмоил) раҳмат кунад, ки дар айёми вай Бухоро дорулмулк шуд... ва ҳеч аз амирони Хуросон ба Бухоро мақом накарданд пеш аз вай. Ва вай ба Бухоро мақом доштан муборак доштӣ ва дили вай ба ҳеч вилоят наёромидӣ, ҷуз ба Бухоро...»

Абубакри Наршахӣ «Таърихи Бухоро»

Хабари азми Бухоро намудани амир Исмоилро мардумон ба хушнудӣ пазируфтанд. Абуабдуллоҳ писари Хоҷа Абуҳафси Кабир аз аҳли Бухоро дархост кард, ба истиқболи амир Исмоил шаҳрро биёростанд. Ӯ худ бо ашрофу акобири шаҳр ба пешвози амир аз Бухоро берун омад ва дар Кармина амир Исмоилро истиқбол намуд.

Гуфтем, Исмоил дар оғоз тангдил буд ва маълум набудаш, ки аҳли Бухоро бо ӯ чӣ бархурде хоҳанд кард. Вақте дид худи Абуабдуллоҳи Фақеҳ ба истиқболи ӯ берун омад, хушдил шуд, зеро медонист, ки Абуабдуллоҳ яқинан ҳар чӣ фармояд, аҳли Бухоро аз гуфтаи ӯ сар нахоҳанд печид.

Рӯзи душанбеи дувоздаҳуми моҳи шарифи рамазони соли 260 ҳичрии қамарӣ (баробар ба 12 июли 874 масеҳӣ) амир Исмоили Сомонӣ ба шаҳри Бухоро ворид гардид. Аҳли Бухоро аз вуруди ӯ суруру шодмонӣ карданд ва бар сари ӯ симу зар афшонданд.

Амир Исмоил дар муддати кӯтоҳе бо кӯмаку мусоидати Абуабдуллоҳ Факеҳ вазъи нооромии вилояти Бухороро ором кард. Сипас бе он, ки аз бародари бузургаш Наср иҷозат ёбад, бародари дигари худ Абузакариёи Яҳёро амири Бухоро таъйин намуд ва ба Самарқанд баргашт. Ин иқдоми амир Исмоил, ки бе маслиҳати бародари бузург ва хилофи раъйи аҳли хонавода сурат гирифта буд, ба Наср хуш наёмад. Ӯ фармуд Исмоилро истиқбол карданд, вале худаш ба истиқболи бародар набаромад

Навиштаанд, ки муддати сездаҳ моҳ амир Исмоил ҳар рӯз ба саломи бародар меомад, вале Наср рӯй дарҳам кашида бо ӯ сухан намегуфт. Дар ин миён вазъи Бухоро дигарбора душвор гардид ва қариб омада буд, ки дуздони русто ба шаҳри Бухоро даст ёбанд. Бузургони хонаводаи сомонӣ аз ҷониби амир Исмоил аз Наср шафоат хостанд. Наср узри бародар бипазируфт ва хусумати муваққати бародарон ниҳояти кор ба оштӣ анҷомид. Амир Наср дубора амир Исмоилро бо иззату эҳтироми фаровон ба тахти Бухоро фиристод.

Нахустин коре, ки амир Исмоил баъди вуруди дубораи худ ба Бухоро анҷом дод, ин буд, ки бо машвarати Абуабдуллоҳ Факеҳ сипоҳиёни худро ба ҷанги дуздони рустои Бухоро раҳнамун сохт, то аз вуҷуди нопоки дуздон рустои Бухороро пок гардонад. Аҳли Бухоро ин иқдоми ӯро ҷонибдорӣ карданд ва тӯдаҳои мардум ба сипоҳиёни ӯ ҳамроҳ шуданд. Дар ин ҷанг пирӯзӣ насиби сипоҳиёни амир Исмоил шуд. Дуздони рустои Бухоро ба тамом шикаст хӯрданд ва сарварашон асир афтод. Амир Исмоил фармуд,

207943

сарвари дуздонро банд барниҳода ба Самарқанд фиристоданд.

Аз ин ҷанг амир Исмоил ҳанӯз фориғ нашуда буд, ки Ҳусайн ибни Тоҳир бо ду ҳазор марди хоразмӣ дубора оҳанги Бухоро кард. Исмоил лашкар фароҳам намуда, ба ҷанги ӯ рафт ва сипоҳи ӯро низ шикаст дод.

Мегӯянд, ки бар асари ин ҷанг лашкариёни амир Исмоил ҳафтод тан аз хоразмиёнро асир гирифтанд. Бомдоди рӯзи дигар амир ба ҳар кадоме аз асирон як ҷомаи карбос инъом дод ва аз қайди бандагӣ озод кард. Ин хабар ба зудӣ дар саросари вилоят овоза шуд ва муҳаббати амир Исмоил аз ин пас дар синаи ҳамагон ошён гирифт.

Гуфтаанд, ки дар оғози аморати худ амир Исмоил дар Бухоро аз Абумуҳаммади Бухорхудот ва Абуҳотами Ясорӣ, ки бағоят тавонгар буданд ва метавонистанд бо ҳар фитна мардумони авомро аз роҳ бибаранд, бим дошт. Аз ҳамин хотир ин ду тан ва баъзе тавонгарони дигари Бухороро бо баҳонае ба назди бародараш Наср, ба Самарқанд равона намуд. Худи Исмоил ба Наср номае махфӣ навишт ва аз ӯ хоҳиш кард, ки Абумуҳаммади Бухорхудот ва Абуҳотами Ясориро ба таври муваққат дар Самарқанд нигоҳ дорад. Баъд аз он, ки бо пуштибонӣ аз Абуабдуллоҳи Фақеҳ амир Исмоил дар Бухоро корҳо рост кард ва мақомашро комилан устувор намуд, ба Наср нома навишт ва ин ҳар дуро дигарбора ба Бухоро даъват кард. Ба қавли муаллифи «Таърихи Бухоро» амир Исмоил пас аз ин Абумуҳаммади Бухорхудот ва Абуҳотами Ясориро «некӯ дошта ва

ҳоҷатҳои эшонро раво кардӣ ва риояти ҳуқуқи эшонро бар хештан воҷиб дидӣ» (113).

Бо вуруди амир Исмоил ба Бухоро чунон ки Наршахӣ мегӯяд, «...шаҳр қарор гирифт ва аҳли Бухоро аз ранҷ берун омаданд ва ба роҳат пайвастанд» (109).

Дар рӯзгори аморати ин амири одили ғозии хирадманд бо ҳиммату ғайрати фаровон ва саъйу кӯшиши ҳамвораи ӯ шаҳри Бухоро дорулмулки сарзамини Хуросони бузург ва қуббатулисломи билоди форсиён гардид. Амир Исмоил шаҳри Бухоро ва деҳоти онро ба ҷон баробар медошт. Ҳар бурҷу бора ва кӯчаву растаи шаҳру рустои Бухоро барояш азизу маҳбуб буд.

Дар нақл аст, ки яке аз деҳаҳои қадимаи Бухоро – Варахша кохи азиму шукӯҳманде дошт. Ин кох бештар аз ҳазор сол муқаддам аз рӯзгори амир Исмоил, дар аҳди Бухорхудот бино ёфта буд. Амир Исмоилро дареғ омад, ки кохе ба ин шукӯҳу шаҳомат вайрону харобазор шавад. Ӯ мардумони он деҳкадаро назди худ даъват карду гуфт, ки ман бист ҳазор дирам ва чӯб бидиҳам, шумо ин кохро обод намуда масҷиди ҷомеъ созед. Мардумони он деҳа, ки дар ойини пешиниёни худ устувор буданд, бар ин амр рағбат накарданд ва узр пеш оварданд, ки деҳаи мо хурд аст ва бунёди масҷиди ҷомеъ дар он зарурат надорад. Амир Исмоил ҳам бо вуҷуди он ҳама қудрату азаматаш хилофи раъйи мардум нарафт ва он коху он мардумро ба ҳоли худ гузошт.

Мегӯянд, ки ин кох то ба рӯзгори амир Абдулмалики писари Нӯҳи Сомонӣ бар ҷой буд. Ҳамин амири сомонӣ фармуд он кохро вайрон

карданд ва чӯбҳояшро ба Бухоро оварда, барои ӯ иморат сохтанд.

Гуфтем, ки пеш аз аморати амир Исмоил саҳронишинон ҳар сол чандин бор ба вилояти Бухоро ҳамлавар шуда, девори Бухороро хароб мекарданд ва амволи бешумору заҳмату ҳашарҳои фаровони аҳли Бухороро ба бод медоданд. Амир Исмоил чун бар сари қудрат омад, пайи таъмиру ободонии девори Бухоро саъй накард ва мунодӣ фармуд, ки «то ман зинда бошам, бораи вилояти Бухоро ман бошам».

Ӯ ҳамчунин бархе аз мавзеъҳои Бухоро ва деҳкадаҳои онро харид ва вақфи дарвешону мустамандон ва обидону толибилмон намуд. Наршахӣ, аз ҷумла дар хусуси деҳаи Баркад дар «Таърихи Бухоро» овардааст, ки ин деҳаро аз он сабаб Баркади алавиён хонанд, ки «амир Исмоил ин деҳаро харид ва ду донг бар алавиёну ҷаъфариён, ду донг бар дарвешон ва ду донг бар варсаи хеш вақф кард» (22).

Амир Исмоил дар рӯзгори аморати худ шаҳри Бухоро ва рустои атрофи онро ободон намуд ва кохҳои бошукӯҳу боғу бӯстонҳои сабзу хуррам бино ниҳод.

Бино бар қавли муаллифи «Таърихи Бухоро» мавзеи маъруфи Ҷӯйи мӯлиёнро низ амир Исмоил аз Ҳусайн ибни Муҳаммад ибни Толут барои маволиён – ходимони худ, харидорӣ карда ободон намудааст. Наршахӣ менависад: «Ва амир Исмоил ба Ҷӯйи мӯлиён саройҳову бӯстонҳо сохт ва бештар ба маволиён вақф кард... Ва пайваста ӯро аз ҷиҳати маволиёни хеш дил машғул будӣ, то рӯзе амир Исмоил аз ҳисори Бухоро ба Ҷӯйи мӯлиён назора мекард. Симоулкабир (ки ходими падараш буд), пеши

ӯ истода буд. Ӯро бағоят дӯст доштӣ ва некӯ доштӣ. Амир Исмоил гуфт:

Ҳаргиз бувад, ки худованди таоло сабабе созад то ин зиёъро (мавзеъро) аз баҳри шумо бихарам ва маро зиндагонӣ диҳад, то бубинам ин (зиёъ) шуморо шуда (аст), аз он ки ин зиёъ аз ҳамаи зиёъи Бухоро бақиматтар аст ва хуштару хушҳавотар. Худои таоло рӯзӣ кард, то ҷумла бихарид ва бар маволиён дод, то Ҷӯйи маволиён ном шуд ва оммаи мардум Ҷӯйи мӯлиён гӯянд» (39).

Баъдтар Рӯдакии бузургвор дар ситоиши набераи амир Исмоил – Абулҳасани Наср қасидае суруд ва ин мавзеъро, ки ободкардаи ҷадди ӯ буд, дар шеъри оламгири форсӣ оварад, ки ҳанӯз ҳам бар сари забони форсигӯёни ҷаҳон аст:

Бӯйи Ҷӯйи мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрбон ояд ҳаме...

Ихтилофи ду бародар

Бародар ба назди бародар ба ҷанг
Наёяд, агар бошадаш ному нанг.
Фирдавсӣ

Абубакри Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» овардааст, ки Насри писари Аҳмад бар Исмоил вазифа ниҳода буд, аз амволи Бухоро ҳар соле ба андозаи панҷсад ҳазор дирам хироҷ гирд оварда, ба Самарқанд бифиристад (113). Вале азбаски вазъи Бухоро душвор омад ва аҳли Бухоро бар асари ҷангҳои паёпай камбағалу бечора шуданд, амир Исмоил бар худ раво надид, ки аз мардуми бебизоату нодор хироҷ ҷамъ оварад. Наср чандин бор ба талаби хирочи Бухоро қосидон фиристод, аммо амир Исмоил ҳар дафъа, бо ҳар баҳона аз ин амри бародар сарпечӣ кард ва ниҳояти кор миёни ду бародар аз ҳамин сабаб ихтилоф афтод.

Ҳасудони дарбори Наср ба ӯ бадгӯиҳо карданд, ки Исмоили бародарат аз иҷрои фармони ту сар тофт ва дар баробари ту, ки ӯро парвардиву аморат додӣ, ливои муқобилату мухолифат афрошт. Оташи хашму ғазаби Наср боло гирифт ва қасди ҷанг бо бародар кард. Ӯ ба бародарони дигар – Абулашъас ва Абуюсуф, ки яке ҳокими Фарғона буд ва дигаре волии Чоч, нома навишта амр намуд, ки бо лашкари худ ба Самарқанд ҳозир шаванд ва туркони Исфиҷобро низ ҳамроҳи худ оранд.

Моҳи рачаби соли 272 ҳиҷрии қамарӣ (баробар ба декабри соли 885) Наср лашкари азиме фароҳам

овард ва ба қасди ҷанг ва таъдиби бародар рӯй ба Бухоро ниҳод.

Амир Исмоил аз ин иқдоми бародараш хабар ёфт ва аз сари муҳаббату эҳтироме, ки ба ӯ дошт, бо лашкариёни ӯ ба ҷанг напайваст ва аз шаҳри Бухоро берун рафт. Наср ба Бухоро омад ва Исмоилро дар Бухоро пайдо накард.

Мегӯянд, ки дар он ҳангом миёни амир Исмоил ва амири Хуросон Рофеъ ибни Ҳарсама дӯстӣ буд. Амир Исмоил ба Рофеъ нома навишт ва аз ӯ дар ин кор ёриву машварат хост. Рофеъ бо лашкари худ ба мадади амир Исмоил омад. Вале мардумон, ки аз мурувватu ҷавонмардии амир Исмоил ва эътимоду эътиқоди кулии ӯ ба бародарону наздикон огаҳӣ доштанд, ба хубӣ медонистанд, ки ин моҷарову хусумат ба дарозо нахоҳад кашид. Наршахӣ ҳам ба ин маънӣ овардааст, ки «Рафеъро касе насиҳат карду гуфт: – Ту вилояти худ мондаӣ ва ба ин ҷо омадаӣ. Агар эшон ҳар ду бародар бо якдигар бисозанд ва туро дар миён гиранд, ту чӣ тавонӣ кардан? Рофеъ аз ин сухан тарсид ва расул фиристод ба наздики амир Наср ва гуфт: – Ман ба ҳарб наёмадаам. Бар он омадаам, ки миёни шумо сулҳ кунам. Амир Насрро ин сухан хуш омад ва сулҳ карданд бадон, ки амир касе дигар бувад Бухороро. Ва амир Исмоил омили хироҷ бувад ва амволи девон. Ва хутба ба номи вай набувад ва ҳар соле понсад ҳазор дирам бидиҳад» (114-115).

Наср баъд аз ин ба ризоияти Исмоил бародари дигари худ Абуяъқуб Исҳоқро амири Бухоро таъйин намуд ва худаш ба Самарқанд бозгашт. Рофеъ ибни Ҳарсама низ ба Марв рафт.

Муддате чун аз ин моҷаро баромад, Наср дигарбора ба талаби хироҷи Бухоро кас фиристод. Исмоил бо Исҳоқ бо ҳам иттифоқ карданд ва ин дафъа ҳам Исмоил талаби Насрро напазируфту хироҷ нафиристод.

Амир Наср бори дигар Абулашъасро бо сипоҳаш аз Фарғона даъват кард ва лашкар фароҳам намуда, рӯй ба Бухоро овард. Амир Исмоилро ба ҷуз гирдоварии лашкар ва омодагӣ ба ҷанг дигар чора намонд. Ӯ аз мардуми ғозипешаи Бухоро лашкари қавие фароҳам кард ва дар таърихи сешанбеи понздаҳуми ҷумодиюлохари соли 275 ҳиҷрии қамарӣ (30 октабри 888) дар деҳаи Возбадин баъди корзори шадиде ба лашкари Наср дастболо шуд. Амир Наср бо чанде аз сипоҳиёни худ ба дасти лашкариёни амир Исмоил асир афтод.

Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро», Ибни Финдиқ дар «Таърихи Байҳақ» ва Манинӣ дар «Шарҳи таърихи Яминӣ» ба дасти сипоҳиёни амир Исмоил асир афтидани Наср ва рафтори Исмоилро нисбат ба бародар камобеш ба қалам овардаанд, ки то андозае шабоҳат ба ҳам доранд.

Хулосаи навиштаи ин муаррихон чунин аст: Амир Исмоил дар баробари бародар аз асп пиёда шуд ва рикоби Насрро бӯса дода аз ӯ барои густохии худ узрхоҳӣ намуд, ки аз камоли бузургиву фазилат узри бародар бипазирад ва гуноҳи ӯро бар ӯ бубахшояд. Эшон дар ин сӯҳбат буданд, ки бародари дигар – Исҳоқ бирасид, вале ӯ расми адаб ба ҷой наёварда ва аз асп пиёда нашуд. Амир Исмоил бар ӯ хашм гирифт ва амр кард, ки ба пойбӯси бародари бузург аз асп ба зудӣ фуруд ояд. Исҳоқ худро аз асп ба зер андохту

дар пойи Наср афтод ва замин бӯса дода узр хосту баҳона пеш оварда, ки аспи ман тавсан аст, ба зудӣ наметавон аз ӯ пойин омад.

Амир Исмоил пас ба Наср гуфт: - Савоб ин мебинам, ки ту зуд бо хизонаву ходимони худ ба Самарқанд баргардӣ, пештар аз он, ки ин хабар он ҷо расад ва ошӯбу ғавғо дар издиҳом афтад.

Наср ба ин суханони бародар бовар наёмаду пурсид:

- Он чи ту мегӯӣ, ҷиддист ё ҳазл.

Исмоил гуфт: - Маозаллоҳ, маро кучо дар ҳузури ту маҷоли ҳазл гуфтан бошад. Ин накунам, чи кунам, ки ту худовандгориву ман бандаи ту.

Мегӯянд, бародарон бо ҳам сухан мегуфтанд ва ашки надомат аз дидагони эшон равон мешуд. Ба хунҳои абас рехтаву кашмакашу моҷароҳои беҳуда таассуф хӯрда, ангушти пушаймонӣ мегазиданд.

Сипас амир Исмоилу Исҳоқ рикоби бародар баргирифтанд ва бо эҳтироми тамом ӯро ба сӯйи Самарқанд гусел карданд.

Амир Наср баъд аз чор соли ин воқеа тақрибан дар таърихи 22 ҷумодиюлаввали соли 279 ҳичрии қамарӣ (21 августи 892) дар ҳоле, ки синааш моломоли муҳаббати Исмоил буд аз ҷаҳон чашм пӯшид. Ӯ пеш аз вафот амир Исмоилро валиаҳд таъйин намуд ва ба бародарону фарзандони худ васият кард, ки ҷумла сар ба итоату фармони ӯ фуруд оранд ва то умр боқист, ӯву фарзандони ӯро азизу гиромӣ доранд.

Шикасти Амри Лайс

«Исмоил марде гозӣ буд ва ҳамаи сипоҳи ӯ ҳамчунон мардумоне буданд, ки рӯзу шаб намозу дуо кардандӣ ва Қуръон хондандӣ»

аз «Таърихи Систон»

Баъд аз он, ки Наср ба ҷаҳон падруд гуфт, амир Исмоил аз Бухоро ба Самарқанд омад ва муддате дар Самарқанд фармонравоӣ кард. Вале чун ӯ ба Бухоро дилбастагии зиёд дошт, пас аз чанде ҳукумати Самарқандро ба бародарзодааш Аҳмади писари Наср вогузор намуд ва худ ба Бухоро бозгашт.

Халифаи Бағдод – Муътазид дар моҳи муҳаррами соли 280 ҳичрии қамарӣ (марти 893) маншури амали Мовароуннаҳрро, ки пештар аз ин ба номи Наср буд, ба номи амир Исмоил кард. Ҳамон сол амир Исмоил ба ҷанги туркони Тироз рафт ва дар ҷанги кофирони турк пирӯз шуд. Туркони Тироз бо даъвати ӯ ислом оварданд ва аз ҳамон таърих ба сафи муслимин пайвастанд. Пас аз ин Исмоил ба Бухоро баргашт ва муддати ҳафт сол ба додрасиву адлгустарӣ машғул гардид, то он рӯзгор ки Амри Лайс бархе аз манотиқи Хуросонро тасарруф намуду худро амири Хуросон эълон дошт ва халифаи Бағдод аморати ӯро эътироф кард.

Иқтидори Амри Лайс чун афзунӣ ёфт, ба амир Исмоил расул фиристод ва ӯро ба итоати худ даъват кард. Вале амир Исмоил ин даъвати ӯро напазируфт. Наршахӣ овардааст, ки бори дигар «Амри Лайс ба

амирону бузургон тадбир кард ва аз эшон ёрӣ хост дар кори амир Исмоили Сомонӣ. Ва гуфт: Дигар касе бояд фиристодан ва сухани хуш бояд гуфтан ва ваъдаҳои хуб бояд кардан. Пас ҷамоате аз машоихи Нишобурро аз хосагони хеш бифиристод ва нома навишт. Ва дар нома ёд кард, ки ҳарчанд амирул-мӯъминин ин вилоят маро дод, валекин туро ба худ шарик кардам дар мулк. Бояд, ки маро ёр бошӣ ва дил бо ман хуш дорӣ ва ҳеч бадгӯйе миёни мо роҳ наёбад ва миёни мо дӯстиву ягонагӣ бувад. Ва он чӣ пеш аз ин гуфта будем, аз роҳи густохӣ буд, аз сари он даргузаштем. Бояд, ки вилояти Мовароуннаҳрро нигоҳ дорӣ, ки сарҳади душман аст ва раиятро тимор дорӣ ва мо он вилоятро ба ту арзонӣ доштем ва ҷуз хушнудиву ободонии хону мони ту нахоҳем» (120).

Амир Исмоил яқинан медонист, ки ин суханони Амри Лайс макру фитнае беш нестанд ва ӯ бо даст додани фурсат бо камтарин баҳона ба вилоятҳои ободони Бухорову Самарқанду Фарғона ҳамлавар хоҳад шуд. Зеро Амр асилзодаю суханаш шоистаи эътимод набуд. Падари ӯ як мисгари оддӣ буд ва ӯву бародараш Яъқуб аморати Хуросон бо макру фиреб ва зӯри шамшер гирифта буданд. Амир Исмоил зери бори итоати Амр нарафт, расулони ӯ пас фиристод ва ба омода кардани лашкар шурӯъ кард.

Аз ҷониби дигар шайхони Нишопур ба Амр хабар бурданд, ки амир Исмоил ба даъвати ту илтифот нанамуд. Амр аз ин ҳодиса дар ғазаб шуд ва сипоҳиёни худро бо саркардагии сипаҳдоронаш Алӣ ибни Суруш ва Муҳаммад ибни Лайс ба ҷанги амир Исмоил фиристод. Дар натиҷаи муҳорибаи шадиде, ки дар лаби дарёи Ҷайҳун миёни ду лашкар ба вуқӯъ

пайваст, лашкариёни амир Исмоил пирӯзии комил ба даст оварданд ва Алӣ ибни Суруш бо чанде аз сипоҳиёнаш асир афтод. Рӯзи дигар амир Исмоил асиронро хилъат дод ва бозпас фиристод. Наршахӣ нигоштааст, ки «бузургони лашкар бо амир Исмоил гуфтанд: Инҳо ки бо мо ҳарб кардаанд, чун бигирифтӣ ҳамаро хилъат додӣ ва бозпас фиристодӣ? Амир Исмоил гуфт:

- Чи хоҳед аз ин бечорагон, бимонед ба мулки хеш бираванд. Эшон ҳаргиз ба ҳарби шумо бознаёянд ва дигарон (ро) дил табоҳ кунанд» (121-122).

Амри Лайс бо мақсади гирифтани интиқом аз амир Исмоил дигарбора лашкаре азим гирд оварад. Амир Исмоил низ лашкариёни худро ба ҷанги Амр раҳнамоӣ кард.

Бино бар қавли муаллифи «Таърихи Систон», «Исмоил бар дари Балх сари сарҳангони Амрро бигардонид, ки мо мардуми ғозием ва моле надорем. Ва ин мард ҳама дунё талаб кунад, мо охират. Аз мо чӣ хоҳад?» (134)

Эҳтимол меравад, пас аз ин муроҷиати амир Исмоил иддае аз сипаҳдорони Амр ҷониби Исмоил гирифтанд ва ё аз ҷанг бо лашкари ӯ комилан худдорӣ карданд. Ба ҳар сурат лашкари андаки амир Исмоил сипоҳи азими Амрро дар даромадгоҳи Балх шикаст дод ва худи Амри Лайс асир афтод.

Наршахӣ таърихи шикаст ва гирифтории Амри Лайсро ба дасти лашкариёни амир Исмоил рӯзи чаҳоршанбеи даҳуми моҳи ҷумодиюлаввали соли 288 (13 майи 901) донистааст.

Низомулмулк дар «Сиёсатнома» ба дасти лашкариёни амир Исмоил гирифтор шудани Амри

Лайс ва вазъу ҳоли ӯро дар он ҳангом ба наҳви зерин тасвир мекунад: «Иттифоқ чунон афтод, ки Амри Лайс ба дари Балх шикаста шуд ва ҳафтод ҳазор савори ӯ ҳама ба ҳазимат рафтанд, чунон ки якеро ҷароҳате нарасид ва на кас асир гашт, илло аз миёни ҳама Амри Лайс гирифтор шуд... Чун намози дигар бигузориданд, фарроше, ки аз они Амри Лайс буд ва дар лашкаргоҳ мегашт, чашмаш ба Амри Лайс афтод, дилаш бисӯхт. Пеши ӯ рафт. Амр ӯро гуфт:

- То мардум зинда бошад, аз қувват чора нест. Тадбири чизи хӯрданӣ кун, ки гурусnaам. Фаррош як мане гӯшт ба даст овард ва тобаи оҳанин аз лашкариён орият хост ва лахте пасу пеш бидавид, қадре саргини хушк барчид ва кулӯхе ду-се бар ҳам ниҳод то қалйаи хушк бикунад. Чун гӯшт дар тоба кард, ба талаби пораи намак шуд ва рӯз ба охир омада буд. Саге биёмад ва сар дар тоба кард ва устухоне бардошт, даҳонаш бисӯхт. Саг сар бароварда, ҳалқаи тоба дар гарданаш афтод ва (аз) сӯзиши тобаву оташ ба так хост (яъне, бидавид) ва тобаро бибурд. Амри Лайс чун чунон дид, рӯй сӯйи лашкар ва нигаҳбонон карду гуфт:

Ибрат гиред, ки ман он мардам, ки бомдод матбахи (ошхонаи) маро чаҳорсад шутур мекашид ва шабонгоҳ саге бардоштаасту ҳамебарад ва гуфт:

Кунту асбаҳту амиран ва амсайту асиран» (18) яъне, бомдодон амир будам ва шомгоҳон асирам.

Ҳамчунин муаллифи «Сиёсатнома» дар идомаи ин матлаб дар хусуси муносибати байни Амри Лайс ва амир Исмоил нақли ҷолиби муфассале меоварад. Фишурдаи гуфтори ӯ ин аст, ки Амри Лайс аз амир Исмоил хоҳиш кард, шахси мӯътамаде назди ман

фирист, гуфтание дорам, ба ӯ бигӯям, то бар ту онро арза дорад. Амир Исмоил мӯътамаде пеши ӯ фиристод. Амри Лайс мӯътамадро гуфт:

- Ба амир Исмоил аз номи ман бигӯй, ки маро ту нашикастӣ, балки диёнату сирати неку ва софии эътиқоди ту шикаст. Ин мамлакатро Худои таоло аз ман бирабуду бар ту арзонӣ дошт, зеро ту ба ин неъмати худовандӣ сазовортар аз манӣ. Ман мувофиқати хости Худои таоло кардам ва сар ба итоати ту фуруд овардам. Бидону огаҳ бош, ки ману бародари ман Яъқубро ганҷу дафинаҳои фаровон аст ва ман аз сари ихлосу муҳаббати тамом ҳамаро ба ту бахшидам.

Пас Амри Лайс ганҷномаеро, ки бо худ дошт, ба дасти мӯътамад дод, то ӯ ба амир Исмоил бирасонад.

Мӯътамад пеши амир омад ва он чи шунида буд, ба ӯ боз гуфт ва ганҷнома назди ӯ ниҳод.

Амир Исмоил аз сари диёнате, ки дар вуҷудаш дошт, он ганҷномаро напазируфт ва ба мӯътамад фармуд:

- Ганҷнома бар ӯ боз бар ва ба ӯ бигӯй, ки туро ва бародари туро ин ҳама ганҷу дороӣ аз куҷо омад? Падари шумо марде рӯйгар (мисгар) буд, ки шуморо рӯйгарӣ омӯхт. Аз иттифоқи осмонӣ мулк ба дасти шумо афтод. Ин ганҷу дираму динор ҳама он аст, ки аз мардумон ба зулму ноҳақ ситонидаед ва ҷумла аз баҳои ресмони пиразанон, аз тӯшаи ғарибону мусофирон ва аз нима нони ятимону бекасон фароҳам омадааст. Фардои қиёмат шумо ҷавоби ин ҳама пеши Худои таоло хоҳед гуфт.

. . .

Амир Исмоил он ганҷномаро бозпас фиристод ва фирефта ба молу чизи дунё нашуд.

Наршахӣ низ дар «Таърихи Бухоро» гирифтор омадани Амри Лайсро ба дасти лашкариёни амир Исмоил ба таври муфассал тасвир кардааст. Вале тасвири ӯ аз он чи дар боло навишта омад, то андозае тафовут дорад. Наршахӣ мегӯяд, ки амир Исмоил пас аз гирифторӣ Амри Лайсро гиромӣ дошт ва бародараш Абуяъқуби Исҳоқро ба мувозибату тимордории ӯ муқаррар намуд. Аммо вақте хабари шикасти Амри Лайс ба Бағдод расид, халифа Муътазид ба амир Исмоил нома навишт ва аз ӯ дархост кард, ки Амрро ба Бағдод равона созад. Амир Исмоил аз ин нома андӯҳгин шуд ва натавонист халифаро фармон набарад. Ба ночор Амри Лайсро ба аморие нишонда, ба Бағдод фиристод. Дар охири аҳди халифа Муътазид Амри Лайс ду сол муқими зиндон буд ва ниҳоят соли 290 ҳичрии қамарӣ (903 мелодӣ) дар зиндон кушта гардид.

Гуфтаанд Муҳаммад ибни Васифи Сагзӣ, ки аз нахустин шоирони порсигӯй ва аз наздикони Амри Лайс буд, пирӯзии амир Исмоилро амри тақдир донист. Ӯ пас аз шикасти Амр, ба хотири таскину таслият абёти зеринро навишта ба Амр фиристод.

Кӯшиши банда сабаб аз бахшиш аст,
Кори қазо буд, туро айб нест.
Буду набуд аз сифати эзад аст,
Бандаи дармондаи бечора кист?
Аввали махлуқ чӣ бошад? Завол,
Кори ҷаҳон аввалу охир якест.

Аморати Хуросон ва сирати некӯи амири кабир

Қабои хусравӣ бар тан наёяд ҳар касеро хуш,
Сари ҳар носазоеро назебад тоҷи султонӣ.
Салоҳи мулк агар хоҳӣ, биёмӯз,эй шаҳи олам,
Тариқи подшоҳиро зи Исмоили Сомонӣ.

Муиниддини Ҷувайнӣ

Амир Исмоил бо дастури халифаи Бағдод Амри Лайсро назди ӯ фиристод ва халифа Муътазид маншури аморати Хуросон ба номи амир Исмоил кард. Аз ҳамон таърих ӯ амири ҷумлаи Хуросон гардид ва ба қавли Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро», «аз ақабаи Ҳулвон ва вилояти Хуросону Мовароуннаҳр ва Туркистону Ҳинду Синду Гургон ҳама ӯро шуд» (127).

Пеш аз аморати Хуросон ёфтани амир Исмоил дар рӯзгори ҳукумати Тоҳириёну Саффориён Хуросонро марказ нахуст шаҳри Марв буд ва баъдтар ҳокими севуми силсилаи Тоҳириён Абдуллоҳи Тоҳир маркази Хуросонро аз Марв ба Нишопур интиқол дод.

Исмоил шаҳри ободони Бухороро маркази аморати Хуросон муқаррар кард ва аз Бухоро ба ҳамаи қалламрави аморати худ фармонравоӣ менамуд, ва дар тамомати замони ҳукумати ӯ мардумон дар Хуросон ба роҳату осоиш умр ба сар мебурданд.

Дар бораи чигунагии сурату чеҳраи ӯ муаррихон ишорат накардаанд. Вале агар вилодати ӯро дар охири моҳи шавволи соли 234 ҳичрии қамарӣ,

баробар бо даҳаи севуми моҳи майи соли 849 масеҳӣ, ҳангоми дар бурҷи Дупайкар (Ҷавзо) будани Офтоб эҳтимол бидиҳем, бо истифода аз кутуби нуҷумии форсиён ба хусус Китоби тафҳими Абурайҳони Берунӣ, ки он ҷо дар бобати далолати бурҷҳои дувоздаҳгона ба сурату чеҳраи мардум ишорат рафтааст, метавонем ҳадс зад, ки амир Исмоил ба сурати зоҳир як марди бошукӯҳу босиёсати хушқаду қомат ва хушандому хушмаҳосине будааст.

Аммо дар хусуси адлу инсоф ва адолату сиёсати камназиру ибратомӯзи амир Исмоил миёни мардуми авом ва кутуби ахбори гузашта нақлу ривоятҳои фаровон мавҷуд аст, ки ҳама баёнгару намояи возеҳу равшани сирати некӯи ӯянд. Дар бораи ғояти адолату сиёсати ӯ аз ҷумла Хондамир дар «Ҳабибуссияр» овардааст, ки вақте амир Исмоил ба таъқиби Муҳаммад ибни Ҳоруни Сарахсӣ – ҳокими Табаристон, ки аз итоати ӯ сар берун карда буд, ба Қазвин даромад, боғоти Қазвин аз меваю ангур пур буд, вале аз ғояти адолати ӯ ҳеч лашкарие даст ба тарафи меваи боғи касе дароз намекард (355). Айни ҳамин ҳикоятро Қозӣ Аҳмади Ғаффории Кошонӣ дар «Таърихи нигористон» овардааст. Мазмуни ҳикояти ӯ чунин аст, ки ҳангоми оҳанги ҷанг кардани амир Исмоил бо Амри Лайс гузораш ба шаҳри Ҳирот афтод. Дар сари роҳе, ки бояд лашкариёни ӯ аз он мегузаштанд, дарахте дид пур аз себ ва шохаҳои он дарахт аз пурборӣ ба замин хам гашта буданд. Амир шахсеро вазифадор кард мулоҳиза кунад, ки лашкарие оё себе аз он дарахт бармегирад ё на? Ҳамаи лашкариён аз ҳамон роҳ гузаштанд ва аз

дараҷаи адолати ӯ касе даст боло накарду себе аз он дарахт барнагирифт.

Амир ин хабар чун шунид, хушнуд шуд ва шукри худой ба ҷой овард (97).

Сипоҳиёну саркардагони лашкари амир Исмоил аз сари ҷавонмардию мурувват ва худотарсиву парҳезкорие, ки хоси шахсияти бузурги ӯ буд, ӯро самимона эҳтиром мекарданд ва сар аз фармону итоаташ берун намесохтанд. Ҳамин самимият буд, ки ӯ ҳамеша бар душманону бадхоҳони худ ғолиб меомад ва дар ҳамаи ҷангу корзорҳо пирӯзии комил насибаш мешуд.

Хондамир ҳамчунин дар хусуси дараҷаи адолати амир Исмоил, бо истинод ба муаллифи «Равзатуссафо» чунин нигоштааст: Ӯ боре «шунид, ки санги Рай, ки зари хирочҷро ба он вазн мекунанд, аз сангҳои дигар зиёда аст. Ҳамон замон элчӣ ба Рай фиристод, то сангҳои он мамлакатро мӯҳр карда ба Бухоро оварад. Ва чун тафаҳҳус (бозҷӯӣ) намуд ва донист, ки он санг зиёда аст, ишорат фармуд, то зиёдатиро исқот(соқит) намуданд ва санги муаддилро ба Рай ирсол дошту гуфт:

- Бо он чи дар санавоти собиқа (солҳои гузашта) ба воситаи тафовути санг аз раоё (раият) зиёда берун омада, дар моли санавоти оянда бар эшон ҳисоб намоянд» (355).

Ҳаргиз амир Исмоил ба худ раво намедонист, ки аз ҷониби ӯ ва ё зердастонаш ба молу чизи касе зиёне ворид шавад. Ба ин маънӣ дар «Зинатулмаҷолис» нақле омадааст, ки ӯ рӯзе аз рӯи одат дар беруни Марв мегашт ва уштуреро дид дар киштзоре афтода. Фармуд, то бубинанд, ки ин уштур доғи кӣ

дорад. Баъд аз тафтиш маълум шуд, ки доғи худи амир аст. Саворе аз пайи сорбон фиристод. Баъд аз он ки сорбон омад, амир аз ӯ пурсид, ки:

- Шутури ман дар заръи мусалмонон чи мекунад?

Сорбон савганд хӯрд, ки:

- Ин уштур аз дирӯз боз рамида аст ва ман то ҳанӯз дар талаби ӯ будам.

Амир узри ӯро пазируфт ва соҳиби заръро талабиду гуфт:

- Уштури ман дар киштзори ту рафта, харобӣ кардааст. Нуқсони онро баён кун.

Он шахс маблағе ба забон овард. Амир фармуд, то дучанди он маблағ ба ӯ доданд (277).

Амир Исмоил дар тамоми муддати аморати худ дар Хуросон лаҳзае аз ёди халоиқ фориғ набуд ва пайваста дар пайи беҳбуди зиндагиву осоиши рӯзгори мардум саъй мекарду талош меварзид.

Низомулмулк дар «Сиёсатнома» раиятпарварӣ ва бандanавозии амир Исмоилро ба вақҳи некӯ тасвир кардааст. Ӯ аз ҷумла мегӯяд: «Исмоил ибни Аҳмадро одат чунон будӣ, ки он рӯз, ки сармо сахттар будӣ ва барф бештар, танҳо барнишастӣ ва ба майдон омадӣ ва то намози пешин бар пушти асб будӣ ва гуфтӣ: Бошад, ки мутазаллиме (зулмрасидае) ба даргоҳ ояд ва ҳоҷате дорад ва ӯро нафақотеву маскане набувад ва чун ба узри сармову барф моро набинад ва ба мо расидан бар вай душвор бошад. Чун бубинад, ки мо ин ҷо истодаем, биёяд ва кори худ бигзорад ва ба саломат бозгардад» (21).

Амир Исмоил дӯстдори илм буд ва ба олимону донишмандон эҳтироми фаровон мегузошт. Аз ҳамин

хотир донишмандон аз тамоми қаламрави аморат ва мулкҳои дигар ба дарбори ӯ гирд омаданд. Дар натиҷа дарбори амир Исмоил ба яке аз бузургтарин марказҳои илму фарҳанги он аҳд табдил ёфт. Дар хусуси риояти эҳтироми олимону фозилон аз ҷониби ӯ Ибни Асир ба истинод аз вазири равшанзамири аҳди сомонӣ Абулфазли Балъамӣ дар китоби «Комил» чунин овардааст:

Абулфазли Балъамӣ мегӯяд: Аз амир Исмоил шунидам, ки ӯ мегуфт: Ман дар Самарқанд будам. Рӯзе барои шунидани арзу шикояти мардум нишастам. Бародарам Исҳоқ низ бо ман буд. Абуабдуллоҳ ибни Насри Фақеҳ аз пайи ҳоҷате пеши ман омад. Ба эҳтироми илму донишу дини ӯ ман аз ҷойи худ бархостам. Пас аз рафтани ӯ бародарам Исҳоқ ба ман гуфт:

Ту амири Хуросон ҳастӣ. Марде аз раияти ту наздат меояд ва ту аз ҷой бармехезӣ. Бо ин рафтор ту сиёсатро аз миён мебарӣ.

Амир Исмоил дар идомаи ин ҳикояти худ афзудааст, ки ҳамон шаб дар хоб пайғамбарро дидам. Ману бародарам Исҳоқ истода будем. Пайғамбар бозуи маро гирифту фармуд:

- Ё Исмоил, мулки худро бо эҳтироми Муҳаммад ибни Наср маҳкаму барқарор кун.

Сипас рӯ ба Исҳоқ оварду фармуд, ки:

- Мулки ту ва хонаводаи ту ба бод хоҳад рафт, зеро ту Муҳаммад ибни Насрро ҳақиру нотавон донистӣ.

Тавзеҳан Муҳаммад ибни Наср аз олимони маъруфи фиқҳ ва тариқату мазҳаби шофеъии он

рӯзгор буд, ки дар ин илм чандин китоб таълиф кардааст.

Амир Исмоил хидмати омӯзгорро қадр мекард ва «ҷабри устод»-ро бар «меҳри падар» тарҷеҳ медод. Дар ин маънӣ Ибни Асир дар китоби «Комил» нақли ачибе дорад. Мазмуни ин нақл ҳамин аст, ки фарзанди Исмоил – Аҳмад муаллиме дошт. Рӯзе амир Исмоил ба амри тасодуф аз пеши дарсхона мегузашт, шунид, ки муаллим фарзанди ӯро дашном медоду носазо мегуфт. Исмоилро ачаб омад ва ба дарсхона даромаду ба муаллим гуфт:

- Эй мард, оё гумон мебарӣ, ки мо гунаҳкор ҳастем, ки ба мо носазо мегӯӣ?

Муаллим аз ин воқеа сахт ҳаросид. Исмоил чун муаллимро дар ин ҳолат дид, фармуд ба ӯ ҳадяю инъом доданд (70).

Зимнан ёдовар бояд шуд, ки амир Исмоил дар тарбияти фарзандон ва муносибат бо хешону наздикон шеваи хоси писандидаву ибратомӯзе дошт. Дар умури мулкдорӣ ба зердастони худ на аз рӯи хешиву пайвандӣ, балки аз рӯи фазлу ҳунар ва шоистагию корозмудагии онон муносибат менамуд ва барояшон вазифа муқаррар мекард.

Гардезӣ ба ин маънӣ дар «Зайнулахбор» овардааст, ки амир Исмоил пас аз футуҳоте дар Табаристон ҳукумати он минтақаро ба марди босалоҳияте ба номи Абулаббос Абдуллоҳ ибни Муҳаммад вогузор кард. Фарзандаш Аҳмадро ҳам, ки дар рикобаш буд, ҳокими Гургон таъйин намуда, ба итоату фармонбарии ҳамин Абулаббос Абдуллоҳ фармон дод ва «писарро фармуд, то бо Абдуллоҳ

мувофиқат кунад ба ҳамаи корҳо ва ба ҳеч ӯро хилоф накунад» (148).

Муаллифи «Зайнулахбор» дар идомаи ин матлаб меафзояд, ки Аҳмади писари Исмоил дар кори мулк беслоҳиятӣ кард ва падараш ӯро фавран аз ҳукумати Гургон барканор намуд.

Илова бар ин, тазаккур бояд дод, ки амир Исмоил ба сифати як падари меҳрбони хонавода дар масъалаи зиндагию рӯзгори шахсии фарзандонаш низ бепарво набуд. Гуфтаанд, ки барои духтараш худи ӯ аз миёни аҳли илму фазилат имом Ҳофизуддини писари Хоҷа Юнуси Бухориро домод интихоб карда, духтари худро ба ӯ, ба занӣ дод.

Гуфтем, ки амир Исмоил дар хонаводаи асилу бонуфузе ба дунё омада буд. Вале ӯ танҳо гузашта ва обову аҷдодро мояи ифтихори худ намедонист. Ба андешаи ӯ бузургии инсон дар эътимоди куллӣ доштан ба қудрату тавоноии худи ӯст, на ба фахр бо пешиниён. Дар ин бобат Ибни Асир мегӯяд, ки боре дар ҳузури ӯ сухан аз ҳасабу насаб рафт. Ӯ ба ҳамнишини худ гуфт:

Кун ъисомийан ва ло такун ъизомийан,

яъне, Исомӣ бош ва устухонӣ мабош.

Ҳамнишини ӯ дар маънии ин гуфта оҷиз монд. Исмоил ба ӯ шарҳ дод, ки Исом марде хирадманд ва кордону бузургвор буд ва ба нафси худ эътимод мекард, на ба қавму обову аҷдод, ки худи ӯ гуфтааст:

Нафсу ъисомин суввидат ъисоман
ва ъалламатҳу алкарра ва-л-иқдома

яъне, худи Исом ӯро гиромӣ кард ва ба ӯ мардонагию иқдом омӯхт.

Амир Исмоил пас аз расидан ба подшоҳиву аморат ҳам шеваи бархурд бо дӯстону ёрони пешинро ҳамчунон нигоҳ медошт ва риоят мекард. Ибни Асир мегӯяд, дар ин амр аз ӯ сабаб пурсиданд, ки чаро чунин кунӣ? Фармуд: «Бар мо вочиб аст, ки чун худованд моро сарфарозу баланд (кард) дӯстону ёрони худро чоҳу ҷалол ва рифъат бидиҳем, то нисбат ба мо бар сипосу ихлоси худ бияфзоянд ва набояд аз мартабаи онон бикоҳем (ва худро шоҳу баландпоя бидонем)» (72).

Дар кори мулк амир Исмоил пайваста бо арбоби донишу тадбир ба машварат менишаст ва ба эҳтимоли қавӣ метавон гуфт, ки ин равиш дар кори сиёсату кишвардории вай нақше сазовор дошт ва шояд ҳам накӯиву оростагии сирати амир Исмоил аз чунин ҳамдамиву ҳамнишиниҳо об мехӯрд. Нақли зерини Ибни Асир дар китоби «Комил» метавонад гувоҳи гӯё бар матлаби ёдшуда бошад. «Рӯзе (амир Исмоил) аз Яҳё ибни Закариёи Нишобурӣ пурсид: - Иллату сабаб чист, ки чун давлати хонадони Оли Муъоз зоил шуд, бо ин ки ситамгару бадрафтор буданд, неъмати онҳо боқӣ монд ва чун давлати Тоҳириён зоил шуд, бо адлу эҳсону мурувват ва хушрафторӣ неъмати онҳо дар Хуросон зоилу маъдум гардид?

Яҳё ба ӯ гуфт: - Сабаб ин аст, ки чун кори Оли Муъоз дигаргун шуд, Тоҳириён ба сари кор қарор гирифтанд ва чун онҳо додгару боинсоф ва аз рабудани амволи мардум худдору афиф буданд ва майл доштанд хонаводаҳои бузургро ба кор бигморанд Оли Муъозро муқаддаму гиромӣ доштанд. Чун давлати Тоҳириён зоил шуд, хонадони

Саффориён бар раъси кор қарор гирифт. Он хонавода бо бузургону ашрофу аъён ситез кард ва неъмати ононро зоил намуд.

Исмоил чун ин суханро шунид, гуфт: Офарини худо бар ту, эй Яҳё, ту синаи маро шифо додӣ. Он гоҳ дастур дод, ки ба ӯ силаву инъом бидиҳанд» (71).

Ҳарчанд худи амир Исмоил як мусалмони асили ҳанафимазҳаби аҳли суннат буд, ҳаргиз таассуби дину мазҳаб надошт. Ӯ ҳамаи мазҳабу равияҳои дини мубини ислом ва пайравону мӯътақидонашонро эҳтиром мекард. Бархе аз нақлу ривоятҳои боло, аз ҷумла, ҳикояти кохи Варахша, харидории деҳаи Баркад ва қисмате аз он деҳаро вақфи алавиёну ҷаъфариён кардани ӯ ва ё эҳтироми самимонаи амир Исмоилро ба Абуабдуллоҳ ибни Насри Фақеҳ, ки аз донишмандони маъруфи мазҳаби шофеъӣ буд, метавон далели возеҳи ин ҳақиқат донист.

Шояд яке аз муҳимтарин омилҳои ривоҷу равнақи Хуросони бузург дар аҳди амир Исмоил ҳамин адами таассуб дар мулкдорию фармонравоии ӯ буд.

Амир Исмоил ҳамчунин ба забони модарӣ муҳаббати беандоза дошт. Забони дарӣ ва ё форсии дарӣ дар давраи ҳукмронии ӯ забони расмии аморат гардид ва рушду нумӯи бештаре ёфт. Ӯ ҳамаи амру фармон ва маншуру ҳукмномаҳои худро ба форсии дарӣ содир мекард. Далели возеҳи ин амр навиштаи Ҳамдуллоҳи Муставфӣ дар «Таърихи гузида» аст. Ӯ менависад, ки Аҳмади фарзанди Исмоил дар рӯзгори аморати худ, баъд аз сари падар бархе аз «маноширва аҳком аз забони дарӣ ба арабӣ нақл кард» (387). Бо

дархосту ҳидояти амир Исмоил ва ворисонаш олимону адибон асарҳои худро ба забони форсии дарӣ иншо карданд ва бо ҳиммати он абармардони фарҳангу сиёсат ин забон қудрату тавонмандӣ ва наҳзату шукуфоӣ ёфт, то ҷойе ки заминаи созгорро барои офаридани як фарҳанги оламгир муҳайё намуд.

Устод Садриддини Айнӣ омилҳои асосии ташаккул ва ба воя расидани забони форсии дариро дар аҳди Сомониён чунин қаламдод кардааст: «Ташаббуси ба вуҷуд овардани забони форсии нав дар давраи Тоҳириён ва Саффориён дар Хуросон сар шуда бошад ҳам, он ташаббусҳо он қадар натиҷаманд нашуда буданд. Дар Бухоро ва дар давраи Сомониён натиҷаҳои калон додани ин ташаббус чанд сабаб дорад:

1) Сомониён нисбат ба феодалҳои маҳаллии дигар зӯртар, истиқлолашон пурратар ва худашон дар ривоҷ додани маданияти миллӣ ҳаристар буданд; 2) Пойтахти Сомониён (Бухоро) нисбат ба пойтахти Тоҳириён ва Саффориён аз маркази хилофат боз ҳам дуртар буд; 3) Дар замони Сомониён хилофати арабҳо боз ҳам заифтар шуда буд»(134).

Барориши пул, яъне сикка задани дирамҳои нуқра ва зарби динорҳои тило дар шаҳрҳои Бухорою Самарқанд ва Балху Тирмиз намояи равшани равнақи иқтисоду бозаргонӣ ва болоравии сатҳи зиндагию рӯзгори мардум дар аҳди амир Исмоил буд. Мардум дар муомилоти ҳамарӯза бештар аз дирами нуқра истифода мекарданд ва онро ба ифтихори ӯ дирами «исмоилӣ» ном мебурданд. Дар айни замон дар қаламрави Русия, Лаҳистон ва кишварҳои

Искондинавия бостоншиносон аз зери хок дирамҳои фаровони исмоилӣ ба даст овардаанд.

Аллома Бобоҷон Ғафуров дар хусуси ин дирамҳо чунин менависад:

«Тааҷҷубангез аст, ки дар ҳудуди Осиёи Миёна дирамҳои исмоилӣ кам ба назар мерасанд, вале дар Аврупои Шарқӣ ва сарзамини канори Балтика то имрӯз садҳо хазинаи дирамҳои исмоилӣ ёфт шудаанд. Мутаносибан ин дирамҳо ҳарчанд дар ҳаёти иқтисодии дохили давлат нақши муассире доштанд, аммо дар навбати аввал вазифаи пули ҷаҳониро иҷро мекардаанд» (361).

Кӯтоҳи сухан, рӯзгори аморати амир Исмоил беҳтарин давраи наҳзату шукуфоии сарзамини паҳновари Хуросон пас аз пошхӯрди давлати Сосониён ва осоиши зиндагию рифоҳияти рӯзгори мардуми ин сарзамин буд. Дар тамоми музофоти Хуросон хутба ба номи неки ӯ мехонданд ва ҳамагон аз ӯ ба сифати як амири одили хирадманди меҳрбон хушнуд буданд ва аз адолату сиёсаташ изҳори сипосу қаноатмандӣ менамуданд.

Таърихи вафоти амир Исмоил

«Исмоил марде хирадманду додгар ва некрафтору бурдбор ва нисбат ба раият меҳрбон буд».
Ибни Асир, «Комил»

Дар остонаи шасту якумин соли зиндагонии худ амир Исмоил баногоҳ бемори сахт шуд. Бино бар қавли Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» табибон сабаби дарди ӯро аз рутубат донистанд ва маслиҳат диданд, ки беҳтар он аст, амир муддате аз Бухоро берун биравад. Зеро ҳавои Бухоро, ба хусус Ҷӯйи мӯлиён, ки тахтгоҳи амир он ҷо буд, бағоят намнок ва ба тандурустии ӯ зиёновар аст.

Амир Исмоил азбаски ба Бухоро муҳаббати фаровон дошт ва аз ин шаҳр намехост лаҳзае ҷудо бошад, нахуст ба ин иқдом розӣ нашуд. Вале дар охир ба маслиҳати хешону наздикон ва савобдиди табибон рафт ва ризоият дод ба деҳаи Размоз биравад, ки ин деҳа аз ҷойҳои дӯстдоштаи худи амир буд ва обу ҳавои мувофиқтаре аз Бухоро дошт.

Вақте ӯро савори аморӣ ба Размоз мебурданд, аҳли Бухоро – марду зан, пиру барно, ки аз бемории амири кабири раҳогар қаблан огаҳӣ доштанд, ба гусели ӯ аз шаҳр берун омаданд. Мардумон ҷониби ӯ дастафшонӣ мекарданд ва сиришк аз дида мебориданд. Гӯиё ҳамагон дар он соат яқинан медонистанд, ки ӯ дигар бор ба Бухоро саломат барнахоҳад гашт.

Чашмони ашкбори амир Исмоил ҳам тамоми роҳ то ба деҳаи Размоз ҷониби Бухоро буд.

Амир Исмоил муддате дар Размоз иқомат кард, вале вазъи бемориш беҳбуди наёфт ва дар ҳамин мавзеъ ҳангоме ки шахсияти кабираш азизи дилҳову номи некаш вирди забонҳо буд ва аз умраш шасту як соли ҳичрӣ (тақрибан панҷоҳу ҳашт соли мелодӣ) мегузашт, даъвати ҳақ субҳонаҳу ва таолоро лаббайк гуфт ва рӯҳи покаш ба ҷавори раҳмати ҳақ бипайваст.

Таърихи дақиқи вафоти ӯро Самъонӣ дар шаби сешанбеи 14 сафари соли 295 ҳичрии қамарӣ (24 ноябри 907) донистааст. Наршахӣ фавти ӯро як рӯз пас аз ин таърих, дар 15 сафари ҳамон сол, ба зери гавзбуне (чормағзе) бузург, дар чорбоғи бунёдниҳодаи худи ӯ дар деҳаи Размоз ба қалам меорад.

Мегӯянд, ки дар лаҳзаҳои вопасини зиндагӣ низ амир Исмоил номи Бухоро ба забон меовард ва ду чашми нигаронаш ба сӯйи Бухоро буд.

Аҳли Бухоро ҷанозаи ӯро аз Размоз ба Бухоро оварда, дар Бухорои азизаш ба хок супурданд ва муддати як сол дар мотами ӯ сияҳпӯш буданд.

Мардумон бо ёди амир Исмоил намозу дуо мехонданд ва пайваста бар мазораш шамъу чароғ фурӯзон медоштанд.

Соле чун аз вафоти ӯ баромад, мардуми ҳақшиноси Бухоро чун рамзи эътиқоду иродатмандӣ ҳар кадом хиште бар гӯрхонаи амири фақид ниҳоданд. Меъморони мумтози бухороӣ ин хиштҳои сиришта аз обу гили ихлосу муҳаббатро болои ҳам чиданд ва ба ёдгори амири кабири Хуросон Абуиброҳим Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ раҳматуллоҳи алайҳ мақбараи зебову бошукӯҳе бино карданд.

Ин ёдгори бегазанди ҷовидона, ки ҳам акнун ба унвони Мақбараи шоҳ Исмоили Сомонӣ машҳур аст, аз ҳамон таърих ба ин сӯй зиёратгоҳи аҳли назар шуд ва қиблаи умеди ниёзмандону дармондагон гардид.

Ин ёдгори бегазанди ҷовидона, ки ҳам акнун ба унвони Мақбараи шоҳ Исмоили Сомонӣ машҳур аст, аз ҳамон таърих ба ин сӯй зиёратгоҳи аҳли назар шуд ва қиблаи умеди ниёзмандону дармондагон гардид.

Хулосаи рӯзгор ва оқибати
кори амирони сомонӣ

Киро бузургиву неъмат зи ину он будӣ,
Маро бузургиву неъмат зи оли Сомон буд.
устод Рӯдакӣ

Ба вақти давлати Сомониёну Балъамиён
Чунин набуд ҷаҳон, бо ниҳоду сомон буд.
Кисоии Марвазӣ

Хабари вафоти амир Исмоил чун ба Бағдод расид, халифа Муктафӣ аз сари эҳтироме, ки ба ӯ дошт, парчами аморати фарзанди ӯ – Аҳмадро бо дасти худ афрошт ва дар зилқаъдаи соли 295 ҳичрии қамарӣ (нимаи дувуми августи соли 908) фармони аморат ба номи ӯ фиристод.

Абунаср Аҳмад ибни Исмоил (295/907 – 301/914) амири одил ва додгустару раиятпарвар буд. Дар аҳди аморати ӯ Ҳасан ибни Алии Алавии Атруш дар Табаристон хуруҷ кард ва ба саркашиву марказгурезӣ дар аҳди сомонӣ ибтидо гузошт.

Наршахӣ мегӯяд, чун Аҳмад аз ин хабар воқиф гардид «бағоят ғамнок шуд, дуо кард ва гуфт:

- Бор худоё, агар ин мулк аз ман хоҳад рафтан, маро марг деҳ» (128).

Гуфтаанд, ки ӯ худи ҳамон шаб, яъне панҷшанбеи II ҷумодиюлохири соли 301 (13 январи 914) дар саропардаи худ ба дасти гурӯҳе аз ғуломони турк кушта шуд. Баъд аз марг Абунаср Аҳмад ба лақаби Амири Шаҳид маъруф гардид. Наршахӣ муддати аморати ӯро шаш солу чор моҳу панҷ рӯз донистааст.

Пас аз кушта шудани Абунаср Аҳмад писари ӯ Абулҳасан Наср (301/914 – 331/943) дар синни ҳаштсолагӣ ба мақоми падар нишаст. Дар рӯзгори аморати ӯ Абуабдуллоҳ ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ ва пас аз ӯ Абулфазл Муҳаммад ибни Убайдуллоҳи Балъамӣ ҳукми девони вазорат ёфтанд.

Таъсиси девонҳои даҳгона дар сохтори идории давлати сомонӣ ба замони аморати Абулҳасан Наср рост меояд. Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» дар ин хусус чунин овардааст: «амири саид Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил ас-Сомонӣ ба Регистон сарое фармуд ва сарое сохтанд, бағоят некӯ. Ва бар дари сарои хеш, сарои уммол фармуд бино карданд, чунон ки ҳар омилеро алоҳида девоне будӣ (андар сарои хеш) бар дари сарои султон. Чун девони вазир ва девони муставфӣ ва девони амидулмулк ва девони соҳиби шурт ва девони соҳиби муайид ва девони шараф ва девони мамлакаи хос ва девони мӯҳтасиб ва девони авқоф ва девони қазо...» (36).

Дар аҳди амир Наср бархе аз умарои сомонӣ, ба хусус амаки падараш Абуяъқуб Исҳоқ ва писарони ӯ Мансур ва Илёс бо ӯ мухолифат карданд ва аз итоати ӯ сар тофтанд. Гуфтаанд, ки Наср одилтар аз падараш Аҳмад буд. Ӯ ба шеъру шоирӣ муҳаббати беандоза дошт. Ҳамин Абулҳасан Наср Рӯдакиро ба дарбори сомонӣ даъват намуда, ӯро азиз дошт ва унвони маликушшуарой дод. Устод Рӯдакӣ ҳам ба подоши ин иноятӯ меҳрбонии бедареғ, номи ӯро дар шеъри форсӣ ҷовидонӣ сохт:

Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ!
Мир зӣ ту шодмон ояд ҳаме.

Мир моҳ асту Бухоро осмон,
Моҳ сӯйи осмон ояд ҳаме.
Мир сарв асту Бухоро бӯстон,
Сарв сӯйи бӯстон ояд ҳаме.

Устод Садриддини Айнӣ бо истинод ба абёти зерин аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ эҳтимол додааст, ки устод Рӯдакӣ бо хоҳиши Абулҳасан Наср «Калила ва Димна»-ро ба забони форсии нав назман (бо шеър) тарҷума кард ё ин ки тарҷумаи тайёрро манзум намуд (142).

Ба тозӣ ҳамебуд то гоҳи Наср,
Бадон гоҳ, ки шуд дар ҷаҳон шоҳ Наср.
Гаронмоя Булфазл дастури ӯй,
Ки андар сухан буд ганҷури ӯй.
Бифармуд то порсии дарӣ
Бигуфтанду кӯтоҳ шуд доварӣ.
Гузорандаро пеш биншонданд,
Ҳама нома бар Рӯдакӣ хонданд.
Бипайваст гӯё парокандаро,
Бисуфт инчунин дурри огандаро...

Вале мутаассифона, аз ин асари манзум чандин байт, аз ҷумла байти зерин то замони мо расидааст, ки намояе аз табъи саршору ашъори пандомези ҷовидонии «соҳибқирони шоирӣ» ва «султони шоирон» устод Рӯдакист:

Дониш андар дил чароғи равшан аст,
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.

Муддати аморати Абулҳасан Наср ба иттифоқи таърихнависон сӣ солу як моҳу чор рӯз буд. Ӯ дар шаби панҷшанбеи 27 рачаби 331 (16 майи 943) дар асари бемории сил дар синни сивуҳаштсолагӣ падруди ҳаёт гуфт. Ин амири сомонӣ ба лақаби Амири Саид машҳур аст.

Пас аз вафоти ӯ писараш Абумуҳаммад Нӯҳ ё Нӯҳи аввал (331/943 – 343/954) мулаққаб ба Амири Ҳамид ҷойгузини мақоми падар гардид.

Абулаббос Рабанҷанӣ, ки аз шоирони хушсалиқаи дарбори сомонӣ буд, дар таъзияти вафоти Абулҳасан Наср ва таҳнияти ба тахт нишастани амир Нӯҳи аввал шеъри зеринро суруд:

Подшоҳе гузашт хубнажод,
Подшоҳе нишаст фаррухзод.
З-он гузашта замониён гамгин,
З-ин нишаста ҷаҳониён дилшод.
Бингар акнун ба чашми ақлу бигӯ:
Ҳар чӣ бар мо зи эзад омад, дод.
Гар чароге зи пеши мо бардошт,
Боз шамъе ба ҷойи ӯ бинҳод...

Муаррихон муддати фармонравоии ӯро дувоздаҳ солу ҳафт моҳу се рӯз донистаанд. Нӯҳи аввал мисли гузаштагони худ амири қодиру тавоное набуд. Дар замони аморати Нӯҳи аввал сипаҳсолори Хуросон ва ҳокими Нишопур Абуалӣ Аҳмади Чағонӣ, ки бо фармони ӯ аз вазифа маъзул шуда буд, шӯриш кард ва пояҳои давлатдории сомониро заиф гардонид.

Баъд аз фавти Нӯҳи аввал бар маснади аморат Абдулмалики писари Нӯҳ ё Абдулмалики аввал (343/954 –350/961) нишаст, ки бо лақаби Амири Рашид – Абулфаворис машҳур аст. Абдулмалик дар синни ҳабдаҳсолагӣ, дар ғояти мастӣ аз асп ба зер афтод ва ба ҳалокат расид. Муддати аморати ӯ ҳафт солу шаш моҳу дах рӯз буд.

Дар рӯзгори аморати ӯ бо фармони яке аз надимони адабдӯсташ Муҳаммад ибни Абдурраззоқ, ки омили Тӯс буд, дар соли 348/959 «Шоҳнома»-и мансурро гирд оварданд ва ин асар аз қадимтарину пурбаҳотарин осори насри форсии дарист.

Дар мақоми тавзеҳ бояд афзуд, ки ҳамин китоб дар таълифи «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ аз манобеи асосӣ буда, чигунагии фароҳам овардани он аз ҷониби Муҳаммад ибни Абдурраззоқ дар оғози «Шоҳнома» чунин ба риштаи тасвир даромадааст:

Яке нома буд аз гаҳи бостон,
Фаровон бад-ӯ андарун достон.
Пароканда бар дасти ҳар мубаде,
Аз ӯ баҳрае бурда ҳар бихраде.
Яке паҳлавон буд деҳқоннажод,
Далеру бузургу хирадманду род.
Пажӯҳандаи рӯзгори нахуст
Гузашта суханҳо ҳама бозҷуст.
Зи ҳар гӯшае мубади солх(в)ард
Биёварду ин номаро гирд кард.
Бипурсидашон аз нажоди каён,
Аз он номдорону фаррухгавон,
Ки гетӣ ба оғоз чун доштанд,
Ки айдун ба мо хор бигзоштанд...

Бигуфтанд пешаш якояк меҳон
Суханҳои шоҳону гашти ҷаҳон.
Чу бишнид аз эшон сипаҳбад сухун,
Яке номвар нома афганд бун.
Чунин ёдгоре шуд андар ҷаҳон
Бар ӯ офарин аз кеҳону меҳон.

Бузургтарин иштибоҳи Абдулмалики аввал ин буд, ки солории лашкари сомониёнро ба Алптагини турк вогузор кард ва турконро ба умури давлатдории сомонӣ ҳамроҳ намуд.

Абусолеҳ Мансур ибни Нӯҳ (350/961 – 365/975) пас аз ҳалокати бародар дар синни 13-солагӣ подшоҳӣ ёфт ва муддати понздаҳ солу панҷ моҳи тамом ба истиқлол аморат кард. Ӯ дӯстдори илму адаб буд ва ба забони форсии дарӣ муҳаббати беандоза дошт. Бо ҳидояту дархосту раҳнамоии ӯ «Тафсир»-у «Таърихи Табарӣ», «Синбоднома» ва чандин асари гаронбаҳои дигар аз забонҳои арабиву форсии миёна ба забони форсии дарӣ тарҷума гардид.

Дар муқаддимаи «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ», аз ҷумла дар хусуси ин китоб ва дархости тарҷумаи форсии тафсири Қуръон аз ҷониби Абусолеҳ Мансур чунин омадааст:

«Ва ин китоб тафсири бузург аст аз ривояти Муҳаммад ибни Ҷарир ат-Табарӣ раҳматуллоҳи алайҳ, тарҷумакарда ба забони порсии дарии роҳи рост. Ва ин китобро биёварданд аз Бағдод. Чиҳил мусҳаф буд. Ин китоб навишта ба забони тозӣ ва бо аснодҳои дароз буд. Ва биёварданд сӯи амири саййиди музаффар Абусолеҳ Мансур ибни Нӯҳ, ибни Наср, ибни Аҳмад, ибни Исмоил раҳматуллоҳи

алайҳим ачмаин. Пас душхор омад бар вай хондани ин китоб ва иборат кардани он ба забони тозӣ ва чунон хост, ки мар инро тарҷума кунад ба забони порсӣ. Пас уламои Мовароуннаҳрро гирд кард ва ин аз эшон фатво кард, ки раво бошад, ки мо ин китобро бо забони порсӣ гардонем. Гуфтанд: - Раво бошад хондану навиштани тафсири Қуръон ба порсӣ мар он касро, ки ӯ тозӣ надонад, аз қавли худои азза ва ҷалла, ки ӯ гуфт: - Ман ҳеч пайғамбареро нафиристодаам магар ба забони қавми ӯ, ба он забоне, ки эшон донистанд. Ва дигар он бувад, ки ин забони порсӣ аз қадим боз донистанд, аз рӯзгори Одам то рӯзгори Исмоили пайғамбар. Ҳама пайғамбарон ва мулукони замин ба порсӣ сухан гуфтандӣ.

...Ва ин ҷо, бад-ин ноҳият забон порсист ва мулукони ин ҷониб мулуки Ачаманд» (5).

Абусолеҳ Мансур дар якшанбеи 16 муҳаррами соли 365 ҳичрии қамарӣ (25 сентабри 975) вафот кард ва баъд аз вафот ба лақаби Амири Садид машҳур шуд.

Пас аз даргузашти Амири Садид писараш Абулқосим Нӯҳ ибни Мансур ё Нӯҳи дувум (365/976 – 387/997) мулаққаб ба Амири Разӣ аморат ёфт. Замони аморати ӯ давраи хиёнатҳои бузург дар таърихи давлатдории Сомониён буд.

Абулқосиму Абуалии Симҷур ва Фойиқ, ки сипаҳдорони лашкари сомонӣ буданд, дар хусуси тақсими Хуросон ба туркони қарахонӣ махфӣ сулҳнома бастанд ва ба Буғрохони турк нома навишта, ӯро ба забти Бухоро ташвиқ карданд. Буғрохон чун ба Бухоро ҳамлавар шуд, лашкари сомонӣ бо саркардагии фарзандони Симҷуру Фойиқ аз дифои

Бухоро сар тофтанд. Ҳокими қарахонӣ соли 383/993 бе ҷанг вориди Бухоро шуд. Абулқосим Нӯҳ ба Омул паноҳ бурд. Буғрохон пас аз тасарруфи Бухоро бемори сахт гардид. Ӯ тахти Бухороро барои худ номуборак шинохт ва озими ватанаш шуд. Вале дар роҳ бар асари ҳамин беморӣ вафот кард.

Нӯҳи дувум ба Бухоро баргашт ва дар пайи интиқоми фарзандони Симҷуру Фойиқ афтод. Ӯ ба Сабуктагини домоди Алптагин ва писари ӯ Маҳмуд, ки дар Ғазна буданд, нома навишта, дар ин амр аз онҳо мадад ҷуст ва сипаҳдории Хуросонро ваъда кард. Баъд аз он ки Маҳмуду падараш бар фарзандони Симҷуру Фойиқ пирӯз шуданд, Абулқосим Нӯҳ ба Маҳмуд лақаби Сайфуддавла ва ба Сабуктагин унвони Носируддин дод. Баъд аз ин қазия чанде нагузашт, ки ҳамин «Сайфуддавла»-и хонадони сомонӣ – Маҳмуди Ғазнавӣ теғи хиёнат ба рӯи ин хонадон кашид ва бо маслиҳату роҳнамоии падари «Носируддин»-аш дину давлати бештар аз саду-даҳсолаи Сомониёнро ба бод дод.

Абулқосим Нӯҳ муддати бисту як солу нӯҳ моҳи комил аморат кард ва рӯзи 13 рачаби соли 387 ҳичрии қамарӣ (3 августи 998) дар Бухоро фавтид. Бузургтарин коре, ки ӯ анҷом дод, ҳамин буд, ки Дақиқии шоирро ба назми «Шоҳнома» ҳидоят кард. Абуалӣ Сино низ муддате дар ҳалқаи дарбориёни ӯ буд.

Пас аз вафоти Абулқосим Нӯҳ фарзандаш Абулҳорис Мансур ё Мансури дувум (387/998 – 389/999) подшоҳӣ ёфт. Муддати аморати ӯ ҳамагӣ як солу ҳафт моҳ тӯл кашид. Бектузуни турк, ки аз падари ӯ мақоми сипаҳсолорӣ ёфта буд, дар таърихи

12 сафари соли 389 ҳичрии қамарӣ (3 феврали 999) ба дидагони ӯ мил кашида, ӯро нобино кард ва бародари ӯ Абдулмаликро, ки кӯдаки хурдсоле буд, ба аморат бардошт.

Элоҳхони турк ба баҳонаи дастгириву имдоди амири сомонӣ дар таърихи 10 зилқаъдаи соли 389 ҳичрии қамарӣ (3 ноябри 999) ба Бухоро ворид шуд ва ҳамаи хешовандону наздикони амири сомониро асир карда ба зиндон фиристод. Худи Абдулмаликро аз махфигоҳи ӯ дастгир карданд ва бо амри Элоҳхон ба қатл расониданд.

Бархе аз муаррихон гирифтории Абдулмалики дувумро ба дасти Элоҳхон поёни давлати сомонӣ қаламдод кардаанд. Шоире номи нӯҳ тан аз амирони сомониро, ки зикрашон дар боло омад, дар ду байт чунин овардааст:

Нӯҳ тан буданд з-оли Сомон машҳур,
Ҳар як ба аморати Хуросон маъмур.
Исмоилеву Аҳмадеву Насре,
Ду Нӯҳу ду Абдулмалику ду Мансур.

Вале ба иттифоқи бештари таърихнависон охирин намояндаи ин хонадон Абуиброҳим Исмоил писари Нӯҳ мулаққаб ба Мунтасир аст. Элоҳхон ӯро низ ҳамроҳи бародарону наздикони дигар ба зиндон андохта буд. Аммо ӯ чодари канизаке бар сар гирифта, аз зиндон фирор кард ва муддати мадиде дар баробари ду душмани бузурги давлати сомонӣ – Элоҳхон ва Маҳмуди Ғазнавӣ мардонавор ҷангид. Абуиброҳим Мунтасир шоир буд ва шеъри некӯ мегуфт. Ӯ, аз ҷумла дар яке аз шеърҳояш нолиши

худро аз сипеҳри бемуруввати гаронгӯш чунин ба қалам додааст:

Эй ба дидан кабуду худ на кабуд,
Оташ аз табъу дар намояш дуд.
В-эй ду гӯши ту карри модарзод,
Бо туям гармиву итоб чӣ суд?

Тайи ҳамин чандин соли азобу маҳрумият ва ҳарбу пайкор баҳри истиқрори давлати сомонӣ базмгаҳу боғи амир Мунтасир ба қавли худи ӯ аспу силоҳ ва лолаву савсанаш тиру камон буд:

Гӯянд маро чун салаби хуб насозӣ
Маъвогаҳи ороставу фарши мулавван.
Бо наъраи гурдон чӣ кунам лаҳни муғаннӣ?
Бо пӯяи аспон чӣ кунам маҷлиси гулшан?!
Ҷӯши майу нӯши лаби соқӣ ба чи кор аст?
Ҷӯшидани хун бояд бар ғайбаи ҷавшан.
Асп асту силоҳ аст маро базмгаҳу боғ,
Тир асту камон аст маро лолаву савсан.

Чанде Мунтасир сарсону саргардон гашт ва ниҳояти кор дар моҳи рабеъулаввали соли 395 ҳичрии қамарӣ (охири декабри 1004) бо таҳрики яке аз гумоштагони султони турк – Маҳмуди Ғазнавӣ, ки Абуабдуллоҳи Моҳрӯ номаш буд, аз ҷониби ҷавонони бехиради қабилаи араби бодиянишини Банӣ Баҳиҷ дар биёбони Марв кушта шуд.

Аммораи Марвазӣ бо ғаму андӯҳи фаровон аз марги фоҷеабори Мунтасир чунин ёдовар шудааст:

Аз хуни ӯ чу рӯйи замин лаълфом шуд,
Рӯйи вафо сияҳ шуду чеҳри умед зард.
Теғаш бихост хӯрд ҳаме хуни маргро,
Марг аз ниҳеби хеш мар-он шоҳро бихӯрд.

Бо қатли амир Мунтасир рӯзгори давлати сомонӣ ба якборагӣ сомон пазируфт ва чароғи аморати ин хонавода, ки Абуиброҳим Исмоил писари Аҳмади Сомонӣ раҳматуллоҳи алайҳ фурӯзонгараш буд, тақрибан пас аз саду даҳ соли фурӯғу ҷаҳонтобӣ хомӯш гардид.

КИТОБНОМА

Айнӣ, Садриддин. Куллиёт, ҷилди 11, китоби 1. Душанбе, 1963.

Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, Сочинения, I.M., ИВЛ, 1963.

Берунӣ, Абурайҳон. Китобуттафҳим ли авойили саноъатит-танҷим. Бо тасҳеҳу муқаддима ва шарҳу ҳавошӣ тавассути устод Ҷалоли Ҳумоӣ, Теҳрон, Бобак. 1362 ҳичрии шамсӣ.

Гардезӣ, Абусаъид Абдулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуд. Зайнулахбор. Ба тасҳеҳу муқобалаи Абдулҳай Ҳабибӣ, Теҳрон, 1363 ҳ.ш.

Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. М., 1972.

Ибни Асир. Комил (Таърихи бузурги ислом ва Эрон) Тарҷумаи Аббос Халилӣ, ҷилдҳои 12-13. Теҳрон. 1364-1365 ҳ.ш.

Ибни Финдиқ. Таърихи Байҳақ. Бо тасҳеҳу таълиқоти Аҳмади Баҳманёр. Бо муқаддимаи аллома Қазвинӣ. Китобфурӯшии Фурӯғӣ. 1361 ҳ.ш.

Ибни Ҳавқал. Сафарнома (Эрон дар Суратуларз). Тарҷумаи дуктур Ҷафъари Шиор. Теҳрон, Амири Кабир, 1366 ҳ.ш.

Кошонӣ, Қозӣ Аҳмади Ғаффорӣ. Таърихи нигористон. Ба кӯшиши Муртазо Мударриси Гелонӣ. Интишороти Ҳофиз. 1404 ҳичрии қамарӣ.

Маҷдӣ, Маҷдуддини Муҳаммад ал-Ҳусайнӣ. Зинатулмаҷолис. Китобхонаи Саноӣ, 1362 ҳ.ш.

Муставфӣ, Ҳамдуллоҳ. Таърихи гузида. Ба эҳтимоми дуктур Абдулҳусайни Навоӣ, Амири Кабир, 1364 ҳ.ш.

Наршахӣ, Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро. Тарҷумаи Абунасри Аҳмад ибни Муҳаммад ибни

Наср ал-Қубовӣ, талхиси Муҳаммад ибни Зуфар ибни Умар. Тасҳеҳу таҳшияи Мударриси Разавӣ, Теҳрон, 1351 ҳ.ш.

Неъматов Н.Н. Давлати Сомониён. Душанбе, 1989.

Низомулмулк, Абуалӣ Ҳасан ибни Алӣ ибни Исҳоқ. Сиёсатнома. Ба тасҳеҳи Аббоси Иқбол. Интишороти Асотир, 1369 ҳ.ш.

Пешоҳангони шеъри форсӣ. Бо кӯшиши дуктур Муҳаммад Дабири Сиёқӣ, Теҳрон, 1375 ҳ.ш.

Самъонӣ. Китобулансоб. чопи Лайдан, 1912.

Симнонӣ, Паноҳӣ. Амир Исмоили Сомонӣ. Фармонравои бузург ва одил. Теҳрон, 1375 ҳ.ш.

Табарӣ, Муҳаммад ибни Ҷарир. Таърихи Табарӣ. Тарҷумаи Абулқосими Поянда. Бунёди фарҳанги Эрон, 1354 ҳ.ш.

Тарҷумаи Тафсири Табарӣ. Ба тасҳеҳу эҳтимоми Ҳабиби Ягмоӣ. Теҳрон, 1339 ҳ.ш.

Таърихи Систон. Ба тасҳеҳи Ҷаъфари Мударриси Содиқӣ, Теҳрон, 1373 ҳ.ш.

Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Интишороти Хӯша, Теҳрон, 1372 ҳ.ш.

Хондамир, Ғиёсуддин ибни Ҳумомуддин ал-Ҳусайнӣ. Ҳабибуссияр фӣ ахбори афроди башар. Феҳристи матолиб, эъломи таърихӣ ва ҷуғрофиёӣ, қабоил, кутуб ва тасҳеҳи матн аз дуктур Муҳаммад Дабири Сиёқӣ, ҷилди 2. Теҳрон, 1353 ҳ.ш.

Шакурӣ, Муҳаммадҷон. Хуросон аст ин ҷо. Душанбе, Пайванд, 1996.

Ҳиравӣ, Ҷавод. Эрон дар замони Сомониён (Таърихи Сомониён аз огоз то салтанати Насри дувум). Машҳад, 1371 ҳ.ш.

ФЕҲРАСТИ МАТОЛИБ

Назаре ба ин навишта 3

Ба ҷойи сарсухан 6

Аслу насаб ва таърихи вилодат 13

Вуруд ба Бухоро 18

Ихтилофи ду бародар 25

Шикасти Амри Лайс 30

Аморати Хуросон ва сирати некӯи амири кабир 38

Таърихи вафоти амир Исмоил 51

Хулосаи рӯзгор ва оқибати кори амирони сомонӣ 54

Китобнома 57

Зс 43 g.

ҲАСАНИ СУЛТОН

САРГУЗАШТИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ

Муҳаррир Ниёзова Д.
Муҳаррири техникӣ Камолов А.
Тарроҳ Ҷӯраева З.

Ба матбаа 4.01.10 супорида шуд. Ба чопаш 25.06.2010 имзо шуд. Андозаи 60x84 1/16. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 3,75. Адади нашр 500 нусха.
Супориши № 1/10

Муассисаи нашриявии «Маориф ва фарҳанг»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев-17.
Тел/факс: 233-93-97
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар ҶСНК «Матбуот» чоп шудааст.
Супориши 84.